ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ҚИРҒИЗИСТОН МЕРАВАД с.2


Т. ЗУЛФИҚОРОВ: ПАЛАВИ ЗАРРИНИ ПАЙҒАМБАР с.13

НАРХИ ГАЗРО КӢ БОЛО МЕБАРАД? с.3

ТОҶИКИСТОН

№41 (1552)
11.10.23

~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! ~



ЗАНҶИРБАНДИ ДИЛШОД КРАСАВЧИК

БОЗДОШТИ ГУМОНБАРИ АСОСӢ ДАР ҚАЗИЯИ ШУҲРАТ ИСМАТУЛЛОЕВ



ДАР ИН ШУМОРА:

ФАРРОШ ДАР ОРЗУИ ОШ
Болоравии нархи биринҷ ва нигаронии сокинон с.3

ҶАҲОН
Ҷанги Исроил бо Ҳамос бо чӣ меанҷомад? с.4

АЗ ИФТИХОР ТО ИБТИКОР
То кай ту бо гузаштагон менозӣ? с.7

ЗИНДОНИ ЗИНДАГӢ
Чаро маҳбусони собиқ зери табъиз мемонанд? с.8

СУРЕН ШАДУНС
Саркори Тоҷикистон, дӯсти Лоҳутӣ ва қурбонии Сталин с.9

ГУЛИСТОНИ НАШЪАПАЗ
Чаро ҳамшираи тиббӣ ба ҷиноят шавҳар ҳамроҳ шуд? с.11

ВАРЗИШ
Мунтахаби Тоҷикистон ба финали Ҷоми Осиё-2023 роҳ ёфт с. 10



ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик

Шералӣ КАБИР,
вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

Қозидавлат ҚОИМДОДОВ,
сиёсатмадор

Адаш ИСТАД,
нависанда (Узбекистон)

Ҳафиз РАҲМОН,
адабиётшинос

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Фазлиддин АСОЗОДА,
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ПРЕЗИДЕНТ БА БИШКЕК МЕРАВАД

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати иштирок дар нишасти сарони кишварҳои ИДМ, ки рӯзи 13-уми октябр дар шаҳри Бишкек доир мегардад, ба Қирғизистон сафар мекунад.

Дар назар аст, ки сарони давлатҳои ИДМ маҷмӯи васеи масоил, аз ҷумла ҳамкориҳо дар соҳаҳои тиҷорату иқтисодро баррасӣ кунанд.

Дар ин чорабинӣ қарорҳои муҳими марбут ба тавсеаи ҳамкорӣ дар доираи ИДМ дар соҳаҳои тиҷорату иқтисод ва фарҳанг қабул хоҳанд шуд.

Ёдрас мекунем, ки моҳи июни соли равон Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар нишасти "Иттиҳоди Аврупо - Осиёи Марказӣ" аз Бишкек боздид карда буд. Айни замон дар қаламрави кишвари ҳамсоя машқҳои муштараки Неруҳои дастаҷамъии САД "Бародарии шикастнопазир-2023" ҷараён доранд, ки дар онҳо низомиёни тоҷик низ иштирок доранд.



СУҒД НАҚШАИ АНДОЗРО БАРЗИЁД ИҶРО КАРД

Нақшаи даромадҳои буҷети давлатӣ дар вилояти Суғд бе назардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ ба андозаи 106,2 фоиз таъмин гардид.

Дар натиҷа ба буҷет 3 миллиарду 195,8 млн сомонӣ ворид карда шуд, ки аз нақша 185,7 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Ин омор 10-уми октябр зимни ҷаласаи ҷамъбастӣ оид ба натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд дар 9 моҳи соли 2023 садо дод. Дар ҷаласа раиси вилоят Раҷаббой Аҳмадзода, муовинони ӯ ва дигар масъулин иштирок намуданд.

Таъкид гардид, ки нақшаи воридоти андоз аз даромад 110,4 фоиз ё 160,1 млн сомонӣ барзиёд, андоз аз арзиши иловашуда 101,0 фоиз ё 4,5 млн сомонӣ, аксизҳо 105,9 фоиз ё 3,2 млн сомонӣ, андоз аз истифодаи захираҳои табиӣ 100 фоиз ё 223,4 ҳазор сомонӣ, андоз аз молу мулки ғайриманқул 105,3 фоиз ё 11,97 млн сомонӣ, низомҳои соддакардашудаи андозбандӣ 101,5 фоиз ё 3,3 млн сомонӣ, боҷи давлатӣ 102,7 фоиз ё 1,1 млн сомонӣ ва пардохтҳои дигари маҳаллӣ 106,6 фоиз ё 1,3 млн сомонӣ барзиёд таъмин гардидааст.

ХАТЛОН: КОРМАНДОНИ МИЛИТСИЯ СОҲИБИ ХОНА МЕШАВАНД

Дар Тоҷикистон давоми даҳрӯзаи аввали даъват ба хизмати ҳарбӣ 15 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз иҷрои пурраи нақшаи даъват гузориш додаанд.

Ба иттилои Вазорати мудофиаи Тоҷикистон, дар нахустин рӯзи даъват ноҳияҳои Рашт, Сангвор, Лахш, Нуробод, Тоҷикобод дар баробари ВМКБ нақшаро иҷро карданд.

"Иҷрои нақшаи даъвати тирамоҳии соли равон дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар давоми даҳ рӯз 65%-ро ташкил медиҳад",- иттилоъ медиҳад вазорат.

Иҷрои нақшаи даъвати тирамоҳӣ дар вилояти Хатлон беш аз 60%-ро ташкил медиҳад, ки дар ҳамин шабу рӯзи даъвати тирамоҳии соли 2022 он ба 54% баробар буд. Дар даҳрӯзаи аввал иҷрои нақшаи даъвати тирамоҳӣ дар вилояти Суғд 43%-ро ташкил медиҳад, ки ба иттилои Вазорати мудофиаи Тоҷикистон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёдтар мебошад. Дар ин муддат нақшаи пешбинигардида дар шаҳри Душанбе 45% иҷро гардид.

Ёдовар мешавем, ки даъвати тирамоҳии наваскарон дар Тоҷикистон аввали моҳи октябр оғоз гардида, то охири ноябр идома хоҳад ёфт.

115-СОЛАГИИ АЛЛОМА ҒАФУРОВ ЧӢ ГУНА ВА КАЙ ТАҶЛИЛ МЕШАВАД?

Дар Тоҷикистон 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров таҷлил карда мешавад.

Бино ба иттилои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, моҳи декабри соли равон ба ин муносибат баргузории чорабиниҳои гуногун - нишасту ҳамоишҳо, нашри китобу мақола вобаста ба ҳаёту фаъолияти академик Бобоҷон Ғафуров ва нақши китоби «Тоҷикон» дар баланд бардоштани худшиносии миллӣ ва ваҳдату ягонагӣ дар назар дошта шудааст.

Инчунин, моҳи декабр дар чоруми Озмуни ҷумҳурияви «Тоҷикон" - оинаи таърихи миллат» ҷамъбаст гардида, ғолибону ҷоизадорони он қадрдонӣ мешаванд.

Ёдовар мешавем, ки Қаҳрамони Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров тамоми ҳаёт ва фаъолияти худро ба гирдоварӣ ва бузургдошти таърихи миллати тоҷик ва манзури ҷаҳониён гардонидани он сарф намудааст.

Аллома Бобоҷон Ғафуров муаллифи қариб 400 асару мақола оид ба таърихи халқи тоҷик ва таърихи умумиҷаҳонӣ мебошад.

САРИ САБЗ



Зоирҷон ИБОДУЛЛОЕВ, роҳбари КАТС-и шаҳри Турсунзода

- Тахассуснокии кормандон самти афзалиятноки соҳа буда, таҳти назорати доимӣ қарор дорад ва ба ин васила дар омӯзонидани мутахассисони ҷавони лаёқатманд чораҳои зарурӣ андешида шудааст.

- Офарин ба ҳиммататон! Агар чанд чораи зарурии андешидаатонро номбар мекардед, чандин кормандони тахассуснок ҳаваси кор кардан дар коргоҳи шуморо мехӯрданд.



Саидқул БИЛОЛОВ, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон

- Бо дидани баъзе унвондороне, ки баъди ту рӯи саҳна омадаанду бо сохтакориҳо ба чизе расидаанд, як зарра нороҳатӣ пайдо мешавад. Аммо бо вуҷуди ин дар ин бора зиёд фикр намекардам.

- Каммтар иғроқ шуд, андаке воҳима кардед, муаллима. Агар аз сохтакориҳои он "баъзе" унвондорҳо зиёд фикр намекардед, ягон зарра нороҳатӣ пайдо намешуд...



Шодӣ САФАРОВ, ректори Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон

- Донишкада имрӯз ба ҳама духтарони донишҷӯ аз навоҳии дурдасти кишвар ба таври ройгон хобгоҳи махсус ҷудо кардааст. Раёсати донишкада ба таври доимӣ аз аҳволу таҳсили духтарон воқиф аст.

- Коре накунед, ки ин тавсифатон бар зарари кори донишкада шавад боз? Мабодо ба Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ҳам мисли дигар донишгоҳу донишкадаҳо духтарони зиёд ҳуҷҷат супоранд?

Нархи 1 литр гази моеъ дар нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ аз 7 сомонӣ ҳам гузашт. Ин дар ҳолест, ки ду ҳафта пеш аз 5 сомонӣ ва моҳи август аз 4 сомонӣ бештар набуд. Далел - камчинии газ ва лимит барои содирот аз ҷониби кишварҳои содиркунанда дониста мешавад. Мақомоти дахлдор, махсусан Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Тоҷикистон - масъули танзиму назорати бозор дар хоби гаронанд.

НАРХИ СӮЗИШВОРӢ

Августи 2023



Сентябри 2023



НАРХИ ГАЗРО КӢ БОЛО МЕБАРАД?

Монополия ё рақиби сохта?

Ба назари таҳлилгарон, сабаби асосӣ монополия будани воридоти газ аст. Масалан, агар 10 ширкат ба ворид кардани газ машғул мебуданд, чортои онҳо метавонистанд бо фурӯшандагони гази моеъ забон ёбанд. Шояд рақибон бошанд, аммо эҳтимол онҳо сохта ҳастанд. Яъне, як ширкат барои хок ба чашми давлат пошидан, ба худ “рақиб” месозад. Бо афзоиши нархи гази моеъ, нархи хизматрасонии нақлиёт низ боло меравад. Зеро дар Тоҷикистон беш аз 70 фоизи нақлиёт бинобар камхарҷ будан бо гази табиӣ ҳаракат мекунанд. Нархи хизматрасонии нақлиёт, ки боло рафт, аз дунболи худ нархи ҳама маҳсулот гарон мешавад. Ана, ёбеду гиред! Боз балои омада бар сари деҳқон, мардуми камбизоат мезанад.

Тавре ба мушоҳида мерасад, арзиши гази моеъ аз моҳи сентябр инҷониб майли болоравӣ дорад. Як литр газ аввали моҳи август аз 4 сомонӣ пасттар буд. Ҳоло ҳам гарону ҳам камчин. Ронандагон мегӯянд, ки дар баъзе нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ ҳатто чанд рӯз аст, ки гази моеъро намеёбанд.

Тоҷикистон аз куҷо сӯзишворӣ мехарад?

Тоҷикистон қисмати зиёди маҳсулоти нафтиро аз Русия - корхонаҳои коркарди нафти Омск ва Орск ворид мекунад. Бино ба маълумоти Хадамоти зиддиинҳисории Тоҷикистон, дар зарфи 6 моҳи соли ҷорӣ аз хориҷи кишвар ба Тоҷикистон ҳудуди 452 ҳазор тонна маҳсулоти нафтӣ ворид шудааст, ки 85,4%-и он аз Русия оварда шудааст. Ҳаҷми воридоти бензин ҳудуди 175 ҳазор тоннаро ташкил додааст. Ҳудуди 60%-и воридоти ин маҳсулот аз ҷониби ҶДММ “Газпромнефт-Тоҷикистон”, 7,0% аз ҷониби Агентии захираҳои давлатии моддии назди ҳукумати ҶТ, 4,0% - ҶДММ “Сеганҷ” ва боқимонда 27% аз ҷониби дигар ширкатҳо амалӣ шудааст.

Бояд ёдовар шуд, ки аз соли 2013 Тоҷикистон ҳамасола аз Русия дар асоси имтиёз, яъне бидуни пардохти боҷи содиротӣ маводи сӯзишворӣ мегирад. Вазоратҳои энергетикаи ду кишвар то 1-уми октябр ҳаҷми истифодаи дохилиро дар Тоҷикистон барои соли оянда мувофиқа карда, дар бораи интиқоли ҳаҷми мушаххаси маҳсулоти нафтии Русия ба ҷумҳурӣ қарордод ба имзо мерасонанд.

Солҳои охир ҷонибҳо ҳамеша дар бораи интиқоли 830 ҳазор тонна маҳсулоти нафтӣ қарордод имзо карда, ба афзоиши он дар соли 2023 то ҳаҷми 1 млн тонна мувофиқа ҳосил карданд.

“Мувофиқи ин санад, ҳаҷми умумии тавозуни индикативӣ афзуд, аз ҷумла ҳаҷми интиқоли бензини автомобилӣ ва сӯзишвории дизелӣ ба бозори Тоҷикистон”,- зикр шуда буд дар хабари Вазорати энергетикаи Тоҷикистон пас аз имзои қарордод.

Ҷонибҳо ба иҷрои ҳамаи бандҳои санади имзошуда уҳдадор шуданд.

Инсоф куҷост?

Агар ҷонибҳо ба мувофиқа омада бошанд, пас сабаби гарон шудани нархи сӯзишворӣ дар чист? Чаро мақомоти танзим ва ширкатҳои воридотӣ дар пайи болоравии нархи сӯзишворӣ хомӯшанд? Вақте мақомот дар ин бора чизе намегӯянд, табиист, ки назари мардум манфӣ аст. Чунки ҳоло дар баробари сӯзишворӣ нархи маҳсулоти нисёзи аввал, аз ҷумла орду равған, тухму дигар анвои хӯрданӣ хеле гарон шудааст. Танҳо ҳафтае қабл 1 халта орди навъи якум аз 240 сомонӣ ва аз 300 сомонӣ ҳам гузашт. Ана, инсофу виҷдон! Кӣ медонад, ки вазъ дар бозорҳои мо боз чӣ мешавад? Аммо дар пайи ин ҳама борҳо мушоҳида намудаем, ки то Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон доир ба нарху наво нигаронӣ накунанд, пинаки масъулин намепарад.

Усмон РАҲИМЗОДА

ФАРРОШ ДАР ОРЗУИ ОШ

Болоравии нархи биринҷ ва нигаронии сокинон

Насиба Ёрматова истиқоматкунандаи шаҳри Хуҷанд аст. Мегӯяд, фаррош асту ҳамагӣ 400 сомонӣ маош мегирад, ки қариб ба арзиши як халта орд баробар асту халос. Аз ин сабаб ҳарчанд оши палов хӯроки дӯстдоштаи фарзандонаш аст, мувофиқ ба табъи онҳо зудзуд омода карда наметавонад, зеро арзиши биринҷ хеле боло рафтааст.



Харидор ҳайрону савдогар хавотир

Мисли Насиба бисёре аз сокинони кишвар аз болоравии нархи биринҷ, ки маҳсулоти ниёзи аввал барои сокинони кишвар аст, шикоят мекунанд.

Бо мақсади дақиқ намудани арзиши биринҷ, санаи 6-уми октябр ба бозори “Панҷшанбе”-и шаҳри Хуҷанд рафтем. Зимни суҳбат бо фурӯшандагон маълум гардид, ки ҳоло нархи як килои биринҷи кухна аз 15 то 20 сомонӣ аст. Фурӯшандагони ин намуди маҳсулот мегӯянд, ки имсол савдо нисбати соли гузашта кам шудааст. Зеро солҳои қаблӣ агар дар як рӯз то 500 кило биринҷ фурӯшанд, имрӯз ин рақам ба 200-300 кило поён фаромадааст. Сабаб гарон будани нарх аст. Зеро арзиши як килои биринҷ, ки то 20 сомонӣ аст, имрӯз ба шароити иқтисодии мардум мувофиқат намекунад.


Шиква аз камобӣ

Мирзоолим Ӯрунов деҳқон аз ҷамоати деҳоти Ёваи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров аст, ки беш аз 10 сол инҷониб ба кишти шолӣ машғул аст. Вай имсол дар майдони 2,5 гектар шолӣ кишт кардааст. Мегӯяд, ки як ҳафта инҷониб мавсими дарави шолӣ оғоз шудааст ва деҳқонон саргарми ғунучини ҳосил мебошанд. Қаҳрамони мо аз он нигаронӣ дорад, ки соли равон якбора гарм омадани боду ҳаво ба соҳаи кишоварзӣ таъсири ҷиддӣ расонид.

Зеро деҳқонон ба мушкилоти оби полезӣ рӯ ба рӯ шуданд, ки ин ҳолат боиси хушк шудани заминҳои корам гардид. Ҳамчунин, камобӣ ва ҳарорати баланди ҳаво ба ҳосили шолӣ таъсири манфии худро расонид.

(Давомаш дар саҳ.8)

Мавқеъ



Лолаи САИДАКБАР

АЗ ИФТИХОР ТО ИБТИКОР

ё то кай ту бо гузаштагон менозӣ?

Миллати мо дар ифтихор аз гузаштагони хеш сарҳади эътидолро убур мекунад. Инро дар ҳаёти рӯзмарра мушоҳида мекунему мебинем, ки ин ифтихор моро то ҷое танбал кардааст.

То кай ту бо гузаштагон менозӣ?!

Аз касе пӯшида нест, ки мо ворисони абармардоне чун Рӯдакию Фирдавсӣ, Берунию Сино, Абумуслими Хуросонию Деваштич ҳастем. Агар рӯйхати номоварони миллатро ба пуррагӣ нависем, дароз хоҳад буд. Мо даст ба сина зада мегӯем, ки ҷаҳон аз мо фарҳанги зиндагӣ омӯхта, ифтихорамон олист, аммо худамон чӣ ибтикоре дорем?!

Агар пасовандони Рӯдакию Фирдавсием, пас чаро имрӯз аз китоб - сарчашмаи зиндагӣ дур мондаем?! Чаро наврасони тоҷик китоб намехонанд?! Аксарият, хусусан насли ҷавон барои бедонишии худ ривоят доранд, ки ҳоло асри илму техника асту бузургтарин асарҳои бостону муосирро метавон аз интернет пайдо намуд. Ман ба ин розӣ, вале ҳеҷ бовар надорам, ки аксарияти кулли ворисони Фирдавсӣ аз интернет «Шоҳнома» ва ҳамилллатони сутуни насри муосири тоҷик Улуғзодаи бузург дар шабакаҳои иҷтимоӣ «Восеъ»-ро ҷӯё шаванд. То ҷое медонам, кумири наврасии имрӯз Қадами Қурбон бо «Сари поворот»-аш ва Бобораҷаб бо «Думи хурӯсам лалалай» аст. Ман ба ин ду сарояндаи масхарабоз ба қавли маъмул «гап» надорам, зеро волидайну омӯзгор дар солҳои ахир фарзандону шогирдони хешро дар ҳамин руҳия тарбия намудаанд, завқи мо ҳамин аст, зеро имрӯз худи волидайн ва муаллим китоб намехонанд, бовар кунед...

Шояд Лоиқи бузургвор чандин сол пеш маҷбур шуда буд, ки гуфта:

То кай ту бо гузаштагон менозӣ?
Бо Рӯдакию ба Ҳофизи Шерозӣ?
Вақт аст сари минбари озоди сухан,
Хаёми дигар, Ҳофизи дигар созӣ!

(Давомаш дар саҳ.7)



ҶАНГИ ФАЛАСТИНУ ИСРОИЛ

1600 кушта, ҳазорон захмӣ ва хатар ба амнияти Ховари Миёна

Бар асари муноқишаи навбатӣ миёни Фаластин ва Исроил беш аз 1600 нафар фавтида, ҳазорон нафари дигар захмӣ шудаанд. Садҳо ҳазор сокинони ду кишвар маҷбуранд хонаҳои худро тарк намоянд.

Ёдовар мешавем, ки рӯзи 7-уми октябр гурӯҳи “Ҳамос”-и Фаластин ба ҷануби Исроил ҳазорон мушак партоб кард ва чанд нафар аъзои он ба Исроил ҳамла карданд. Нерӯҳои “Ҳамос” теъдоди мушакҳои партобшударо беш аз 5 ҳазор мегӯянд. Гуфта мешавад, ки “Ҳамос” ба 22 макон дар ҷануби Исроил, аз ҷумла шаҳракҳо ва ҷамоаҳои хурд дар фосилаи 24 километр аз марзи Ғазза ҳамла карданд. Расонаҳо менависанд, ки ин бузургтарин ҳамлаи гурӯҳи “Ҳамос” дар 50 соли охир ба Исроил аст.

“Ҳамос” ба сӯи Исроил мушакандозиро идома медиҳад, дар ҳоле ки нерӯҳои исроилӣ рӯзи душанбе ба мавқеъҳои Ҳамос ҳамлаҳои шадид анҷом дода буданд.

То имрӯз дар ҳамлаи Ҳамос ба Исроил дар маҷмуъ беш аз 900 исроилӣ ва ҳамчунин шаҳрвандони хориҷӣ кушта шудаанд.

Ба гуфтаи Вазорати тандурустии Исроил, 2616 нафар маҷруҳ шудаанд. Ба гуфтаи Вазорати тандурустии Ғазза, 687 фаластинӣ кушта ва 3800 нафари дигар маҷруҳ шудаанд. 17 фаластинии дигар, аз ҷумла чаҳор кӯдак аз сӯи артиши Исроил дар соҳили Ғарб кушта ва 295 нафар маҷруҳ шудаанд.

Аз замони авҷ гирифтани амалиёти ҷангӣ дар Ғазза чаҳор мактаб ва 8 муассисаи тиббӣ осеб дидаанд.

Бархе аз кишварҳо даст доштани Ҷумҳурии Исломии Эронро дар ҳамлаи “Ҳамос” таъйид мекунанд, вале кишвари Эрон ин иддаоро рад кард.

Коршиносон менависанд, ки идома ёфтани муноқиша миёни Исроил ва Фаластин метавонад оқибатҳои нохуш барои минтақаи Ховари Миёна ба бор орад.

▸▸ ДАҲСОЛАҲОИ МУҚОВИМАТ

Дар ҷуғрофиёи имрӯзаи Фаластин ва Исроил қаблан як кишвар мавҷуд буд - Фаластин. Дар даҳсолаи дувуми асри гузашта сарвазири вақти Британиё Балфур тасмим гирифт, ки дар Фаластин, ки зери тасарруфи инглисҳо буд, давлати яҳудиҳоро барпо месозад. Он замон яҳудиён 5%-и аҳолии умумии Фаластинро ташкил медоданд.

Пас аз анҷоми ҷанги дуюми ҷаҳон бо қарори СММ, соли 1947 замини Фаластин байни мардуми таҳҷо ва яҳудиён тақсим карда шуд. Ба фаластиниҳо ҳамагӣ 49%-и заминҳояшон насиб гардиду халос. Боқимонда аз они яҳудиён шуд, зеро дар пушти онҳо қудратҳои бузург, аз ҷумла Аврупо ва ИМА меистоданд. Пас аз ин яҳудиён аз ҳар гӯшаи ҷаҳон ба Исроили навтаъсис села-села кӯчонида оварда шуданд.

Бо ин ҳама қаноат накарда, ҳукуматдорони исроилӣ сиёсати ишғолгаронаро пеш гирифтанд, ки боиси ҷанг дар соли 1948 гардид. Дар натиҷа ишғолгарон то 78 фоизи заминҳои фаластиниҳоро ба тасарруфи худ даровардаанд.

Ҷанг байни кишварҳои арабӣ ва яҳудиён дар соли 1967 вазъи мардуми фаластинро боз ҳам табоҳ кард. Кунун мардуми фаластин дар қисмати ғарбии соҳили рӯди Урдун ва минтақаи Ғазза зери назорати шадид қарор доранд. Имрӯз ҳамагӣ 22%-и заминҳояшон ба фаластиниҳо тааллуқ дораду халос.

Беҳуқуқӣ, таҳқиру таъқиб ва озорҳои пайваста ва кушторҳо боис шуда, ки нисфи мардуми Фаластин тарки ватан намоянд. Ҳоло беш аз 7 миллион фаластинӣ дар хориҷи кишвар умр ба сар мебаранд. 7 миллион фаластинии боқимонда барои аз як минтақа ба минтақаи дигар рафтан даҳҳо постгоҳи нерӯҳои исроилиро бояд убур кунанд. Ҳамин аст, ки байни ду кишвар муноқиша даҳсолаҳо боз идома дорад ва маҳол аст, ки поён ёбад...

12 БАРХӮРДИ ШАДИДИ ҲАМОС ВА ИСРОИЛ

Reuters ҷадвали ҳаводисеро нашр кардааст, ки аз соли 2005, аз замони ақибнишинии Исроил аз Навори Ғазза то ба имрӯз байни гурӯҳи “Ҳамос” ва неруҳои Исроил ба вуқуъ пайвастааст.

01 **АВГУСТИ 2005:** Неруҳои исроилӣ пас аз 38 соли ишғоли Навори Ғазза ин минтақаро тарк карда, назорати онро ба мақомоти фаластинӣ супурданд.

02 **25-УМИ ЯНВАРИ 2006:** Гурӯҳи “Ҳамос” аксар курсиҳоро дар интихоботи порлумонии Фаластин гирифт. Дар пайи худдории “Ҳамос” аз боздоштани хушунатҳо ва сарпечӣ аз эътирофи Исроил, Вашингтон ва Телавив ёриҳои молиро ба фаластиниҳо бас карданд.

03 **25-УМИ ИЮНИ 2006:** Ниманизомиёни “Ҳамос” сарбози исроилӣ Гилад Шалитро дар минтақаи марзӣ асир гирифта, ба Навори Ғазза бурданд. Исроил дар вокуниш ба ин иқдом ҳамлаҳои ҳавоиро алайҳи баъзе аз ҳадафҳои “Ҳамос” анҷом дод. Шлит баъд аз панҷ сол, ҳангоми иваз кардани асирон, озод шуд.

04 **14-УМИ ИЮНИ 2007:** “Ҳамос” дар як ҷанги дохилии кӯтоҳ Навори Ғаззаро ба тасарруфи худ даровард ва неруҳои “Фатҳ”, ҷунбиши вафодор ба Маҳмуд Аббос, раиси ташкилоти худгардони Фаластинро аз ин минтақа берун кард.

05 **27-УМИ ДЕКАБРИ 2008:** Дар пайи партоби мушакҳои “Ҳамос” ба ҷануби Исроил артиши ин кишвар ҷанги 22-рӯзаро алайҳи ниманизомиён дар Ғазза оғоз кард. Дар ин ҷанг 1400 фаластинӣ ва 13 исроилӣ кушта шуданд.

06 **14-УМИ НОЯБРИ 2012:** Исроил тайи амалиёте Аҳмад Ҷабборӣ, фармондеҳи шохаи низомии “Ҳамос”-ро кушт ва дар пайи он ҳамлаҳои мушакӣ аз Навори Ғазза ба Исроил ва ҳамлаҳои ҷавобии ҳавоӣ ба мавзеи фаластиниҳо ба муддати ҳашт рӯз идома ёфт.

07 **ИЮЛ - АВГУСТИ 2014:** Дар пайи рабуда ва кушта шудани се навҷавони исроилӣ аз ҷониби “Ҳамос” як ҷанги тақрибан думоҳа миёни тарафҳо сурат гирифт. Дар ин набардҳо 2100 фаластинӣ ва 73 исроилӣ, аз ҷумла 67 нерӯи артиши ин кишвар кушта шуданд.

08 **МАРТИ 2018:** Тазоҳуроти фаластиниҳо дар сарҳади Ғазза бо Исроил оғоз шуд. Сарбозони исроилӣ барои ақиб рондани норозиён оташ кушоданд. Дар ин тазоҳурот, ки чанд моҳ тӯл кашид, зиёда аз 170 фаластинӣ кушта шуда, неруҳои “Ҳамос” ва Исроил низ вориди набард шуданд.

09 **МАЙИ 2021:** Пас аз ҳафтаҳо таниш дар моҳи Рамазон садҳо фаластинӣ дар даргирӣ бо неруҳои амниятии Исроил дар атрофи масҷиди “Ал-Ақсо” дар Байтулмуқаддас, макони севуми муқаддаси мусулмонон захмӣ шуданд. “Ҳамос” бо сар додани мушак ба хоки Исроил хост, ки неруҳои амниятии ин кишвар аз масҷиди “Ал-Ақсо” берун шаванд. Исроил бо ҳамлаҳои ҳавоӣ ба Ғазза посух гуфт. Дар ин набардҳо, ки ёздаҳ рӯз идома кард, 250 фаластинӣ ва 13 исроилӣ кушта шуданд.

10 **АВГУСТИ 2022:** Дар пайи ҳадаф қарор гирифтани як фармондеҳи аршади гурӯҳи “Ҷиҳоди исломӣ” тавассути Исроил набарди серӯза миёни фаластиниҳо ва Исроил оғоз шуд. Дар натиҷаи он 44 фаластинӣ, аз ҷумла 15 кӯдак кушта шуданд. Исроил ҳамлаҳои ҳавоиро ба фармондеҳон ва анборҳои аслиҳаи “Ҷиҳоди исломӣ” як “амалиёти пешгирона” барои ҷилавгирӣ аз тарҳи ҳамлаи эҳтимолии ин гурӯҳи зери пуштибонии Эрон дар Навори Ғазза номид. “Ҷиҳоди исломӣ” дар вокуниш ба кушта шудани фармондеҳи аршади худ беш аз ҳазор мушакро ба самти Исроил ҳаво дод.

11 **ЯНВАРИ 2023:** Пас аз ҳамлаи низомиёни исроилӣ ба паноҳгоҳи оворагон ва кушта шудани ҳафт марди мусаллаҳи фаластинӣ ва ду ғайринизомӣ, “Ҷиҳоди исломӣ” аз Навори Ғазза ба самти Исроил ду мушак партофт. Ин иқдом талафоти ҷонӣ дар пай надошт. Исроил бо ҳамлаҳои ҳавоӣ ба Ғазза ҷавоб дод.

12 **ОКТЯБРИ 2023:** “Ҳамос” бо ҳамлаи ғофилгиронаи мушакӣ ва вуруди ниманизомиёнаш ба хоки Исроил муддаии бузургтарин ҳамла ба Исроил тайи солҳои гузашта шуд. Гурӯҳи “Ҷиҳоди исломӣ” мегӯяд, ки неруҳояш ба ин ҳамла пайвастаанд. Артиши Исроил эълом кард, ки дар шароити ҷангӣ қарор дорад ва неруҳои захираро фаро хонду ҳамлаҳоро алайҳи “Ҳамос” дар Ғазза оғоз кард.

Намоишгоҳ

«TajBUILD-2023»

80 ширкати сохтмонии ҷаҳонро ба ҳам меорад

Дар шаҳри Душанбе намоишгоҳи байналмилалии «TajBUILD-2023» доир мегардад. Ин чорабинӣ аз 12 то 14-уми октябр баргузор шуда, дар он ширкатҳои сохтмонӣ аз 5 давлат иштирок мекунанд.



Бино ба иттилои Палатаи савдо ва саноати Тоҷикистон, дар намоиши «TajBUILD-2023» беш аз 80 ширкати сохтмонӣ аз Русия, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Эрон, Туркия ва Тоҷикистон масолеҳи сохтмонӣ, техника, асбоб ва либосҳои махсуси сохтмонӣ, таҷҳизоти муҳандисиву иртиботӣ ва меъморӣ ба намоиш мегузоранд.

Гуфта мешавад, ки ин намоишгоҳ майдони бузурги имконият барои барқарор намудани робитаҳои тиҷоратӣ ва табодули таҷриба бо намояндагони соҳаи сохтмонӣ аст.

Қаблан аз 29 то 30-юми сентябр дар Тоҷикистон ҳамоиши байналмилалии сармоягузории “Душанбе Инвест - 2023” баргузор шуда буд.

Ин чорабинӣ бо ташаббуси Кумитаи сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҷумҳурӣ ва маъмурияти шаҳри Душанбе баргузор гардид.

Маориф

КАЛИДИ ДОНИШ ВА САВГАНДИ ДОНИШҶӮЙӢ

Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар Душанбе ба фаъолият оғоз кард

MDIS - Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар Душанбе дарҳои худро ба рӯи аввалин донишҷӯён боз кард. Маросими оғози соли таҳсил дар донишкада дар вазъияти тантанавӣ баргузор шуд.



Ректори донишкада Зайниддин Мухторов дар сухани ифтитоҳии худ арзиши таълим ва нақши онро дар ташаккули пешвоёни оянда таъкид намуд.

Яке аз лаҳзаҳои фаромӯшнашавандаи ин маросим савганди донишҷӯӣ ва супурдани “калиди дониш” буд, ки рамзи садоқати донишҷӯён ба роҳи заҳмат ва болоравии касбу ҳунар аст.

Дар расми ифтитоҳи донишкада муовини якуми раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҷумҳурӣ Файзулло-зода Хуршед Мирзо, муовини директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилноза Аҳмадзода, мудири шуъбаи робитаҳои байналмилалии Раёсати Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ Фаррух Худойдодзода, инчунин шарикон аз бахши хусусӣ, ҶДММ «Авесто Групп», ҶДММ «ТГЭМ», Гурӯҳи ширкатҳои «Коиноти Нав» ширкат доштанд.

Намояндагони расмии кампуси марказии MDIS - Президенти Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур доктор Эрик Куан, дабири кулл Шариф бин Абдулҷаъфар ва ёвари котиби генералӣ Рочер Там ба пешниҳоди таҳсилоти босифат дар MDIS Душанбе изҳори боварӣ намуданд.

MDIS Душанбе кампуси сеюми хориҷии Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур мебошад, ки соли 1956 таъсис ёфтааст ва яке аз қадимтарин муассисаҳои ғайритиҷоратӣ аст.

Эълон

КӮЧАИ ҲАБИБУЛЛО НАЗАРОВ БАСТА МЕШАВАД

Ба далели анҷоми корҳои сохтмонӣ дар яке аз кӯчаҳои ноҳияи Синои Душанбе ҳаракати тамоми воситаҳои нақлиёт дар ин самт то охири моҳи ноябр масдуд мегардад.



То 30-юми ноябр ҳаракати ҳама гуна воситаҳои нақлиёти автомобилӣ аз кӯчаи Ҳабибулло Назаров то назди бинои "Элит-строй-сервис"-и пойтахт муваққатан қатъ мегардад. Дар ин бора шаҳрдории Душанбе бо нашри як иттилоия хабар додааст.

Омодагӣ

1,1 МЛН ТОННА АНГИШТ

"Маркази барқу гармидиҳӣ-2"-и Душанбе ба зимистон омода аст?

"Маркази барқу гармидиҳӣ-2"-и ҶСК "Барқи Тоҷик" барои гузаронидани фасли зимистон дар ҳаҷми 1,1 млн тонна ангишт захира менамояд.



Бо мақсади бо гармӣ таъмин намудани аҳолии пойтахт захираи ангишт барои эҳтиёҷоти филиали "Маркази барқу гармидиҳӣ-2"-и ҶСК "Барқи Тоҷик" дар давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2023-2024 дар ҳаҷми 1,1 млн тонна муайян шудааст.


Гуфта мешавад, ки бо мақсади таъмини талаботи "Маркази барқу гармидиҳӣ-2” бо ангишт дар мавсими тирамоҳу зимистони солҳои 2023-2024 кашонидан ва захираи ангишт идома дорад.

Захираи умумии ангишт то 1-уми октябри соли равон 852 ҳазор тонна ё 77,4 фоизро ташкил медиҳад.

Ҳамзамон барои таъмини эҳтиёҷоти Маркази барқу гармидиҳӣ дар маҷмуъ 19,7 ҳазор тонна мазути камсулфур баробар ба 65,7 фоизи нақша захира шудааст.

Фарҳанг

НАМОИШГОҲИ РАССОМИ МУҲОҶИР ДАР ДУШАНБЕ



Санаи 11-уми октябр соати 18:00 дар меҳмонхонаи «Серена»-и Душанбе намоишгоҳи шахсии рассом Сафаршо Меробшоев оғоз шуд. Рассом гуфтааст, ки тамоми даромади намоишгоҳ ба хайрия меравад. «Аз ин маблағҳо як тин ҳам намегирад»,- мегӯяд номбурда.

Сафаршо Меробшоев аллакай дар кишварҳои дигар асарҳои худро муаррифӣ кардааст. Ӯ мегӯяд, ки намоиши навбатиаш ба Тоҷикистон бахшида шудааст. “Намоиши банда номи мушаххас надорад, он “Танҳо дар бораи Тоҷикистон” аст”,- мегӯяд номбурда.

Меҳмонони намоишгоҳ метавонанд зебоиҳои табиати кишвари мо, урфу одати мардум ва зиндагии онҳоро дар асарҳои рассом бубинанд. Ҳамчунин, асарҳо барои фурӯш ҳам пешниҳод мешаванд.

Сафаршо Меробшоев саргузашти ҷолиб дорад. Ӯ собиқ директори Сирки Душанбе аст. Аз нахустин муҳоҷиронест, ки солҳои 90-ум аз Тоҷикистон ба Амрико кӯчидааст. Ҳоло ӯ шаҳрванди ИМА аст ва дар он ҷо тиҷорати худро дорад. Зимнан ӯ ба рассомӣ машғул аст.

Дурбин

РОНАНДАГОНИ ДАРМОНДА СОҲИБИ ПАНОҲГОҲ МЕШАВАНД

- Дар Душанбе масъалаи таъсиси паноҳгоҳҳои муваққатӣ барои ронандагон ва мусофироне, ки бар асари офати табиӣ дар баъзе манотиқ дармонда буданд, баррасӣ шуд,- хабар медиҳад Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Тоҷикистон.

Ин нукта дар мулоқоти раиси КҲФ Рустам Назарзода ва роҳбари намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон Раймундас Кароблис зикр гардид.

Дар мулоқот масъалаҳои ҳамкории минбаъда дар самти пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода, инчунин кори муштараки Кумита ва Иттиҳоди Аврупо дар ин самт мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Дар ин замина идеяи дастгирии лоиҳаи марбут ба бунёди сарпаноҳҳои муваққатӣ барои ронандагон ва мусофирони дар ағбаҳои Майхӯра ва Уштур дармонда баррасӣ шуд.

Дар ҳамин ҳол, ҷонибҳо ба масъалаи дастгирии минбаъдаи Иттиҳодияи Аврупо дар марҳилаи дуюми сохтмони Маркази миллии омодасозии наҷотдиҳандагон дар Қаратоғ низ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карданд.


Бунёдкорӣ



ХАРҶИ ЗИЁДА АЗ 27 ҲАЗОР ТОННА АСФАЛТ

Ин нишондиҳанда гувоҳи он мебошад, ки IRS дар нигоҳдории роҳи Душанбе-Чаноқ бениҳоят масъулиятшинос аст

Таъмиру тақдид дар фаъолияти филиали IRS мақоми меҳварӣ дошта, соли равон бо харҷи 27167,37 тонна асфалт таъмири 189011 метри квадратии роҳ дар назар буд.



Тавре аз Маркази матбуоти филиали Ширкат иттилоъ доданд, тибқи нақша, дар минтақаи Варзоб 46050 метри квадратӣ бо масрафи 6595,35 тонна асфалт, минтақаи Зарафшон - 42821метри квадратӣ бо сарфи 6072,52 тонна асфалт ва дар минтақаи Суғд 100140 метри квадратӣ бо харҷи 14499,50 тонна асфалт бояд таъмири куллӣ ва ҷорӣ мегардид.

Ба шарофати масъулиятшиносӣ, азми қавии кормандон ва истифодаи самараноки имкониятҳои аз ҷониби роҳбарияти филиали Ширкат фароҳамшуда дар Намояндагии филиали Ширкат дар минтақаи Зарафшон нақша барзиёд ичро гардида, 57299,28 метри мураббаъ роҳ таъмир шуд, ки ба 134 фоиз баробар аст.

- Дар намояндагии Варзоб низ нақшаи мавриди назар барзиёд ичро гардида, бо истифода аз 7174,30 тонна мумқири истеҳсоли корхонаҳои худӣ 50363 метри квадратӣ таъмир шуд. 109 фоиз ичро шудани нақшаи муайянгардида шаҳодати он аст, ки дар минтақаи зикршуда низ фаъолият дар сатҳи хубу сифати баланд роҳандозӣ гардидааст. Фаъолияти кормандони намояндагии минтақаи Суғд низ пурмаҳсул буда, дар ин замина 103237, 94 метри мураббаъ таъмир ва барои ин кор 12011,40 тонна асфалт сарф гардид. Дар маҷмуъ, ба ҷои 189011 метри квадратии пешбинишуда 210900, 22 метри квадратии роҳи мавриди назар таъмир шуд,- афзуд манбаъ.

Ҳар рӯз садҳо мутахассиси соҳибтаҷриба бо кумаки техникаи махсусгардонида ба нигоҳдории роҳи Душанбе - Чаноқ, ки аз лиҳози моҳият дар ҷисми кишвар шабеҳи шоҳраг аст, машғул буда, кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, то сифати он барои солҳои тӯлонӣ нигоҳ дошта шавад.


Бино ба гуфти масъулин, вақтҳои охир теъдоди шахсоне, ки зимни сафар аз тариқи роҳи Душанбе - Чаноқ сипоси хешро тавассути баргаҳои филиали Ширкат дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаи он ба роҳбарият ва кормандони IRS барои масъулиятшиносӣ мерасонанд, тамоюли афзоишро касб намудааст. Зеро онҳо шоҳиди ҳол мешаванд, ки тадбирандешиҳо дар роҳи мазкур хеле зиёд буда, филиали Ширкат рисолати хешро дар сатҳи хуб ва сифати баланд ба ҷо оварда истодааст. Муҳимтар аз ҳама, аз ҷониби соҳибназарон, хоса онҳое, ки пештар аз мавҷудияти филиали Ширкати саҳомии «Инновейтив Роуд Солюшнз ЛТД» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқод мекарданд, эътироф гардид, ки бинобар надоштани нигоҳбони масъулиятшиносе чун IRS роҳҳои дигаре, ки ба тозагӣ навсозӣ шудаанд, дар муддати кӯтоҳ рӯ ба вайронӣ оварда, аксарият вазъи ногувор доранд.

Омили мазкур масъулияти кормандони IRS-ро афзун намуда, барои боз ҳам беҳбуд бахшидани нишондиҳандаҳои фаъолият такони ҷиддӣ мебахшад.

НУСХАИ ХАТТИИ ДЕВОНИ МАЪДАН ПАЙДО ШУД!

Мусаллам аст, ки халқи тоҷик адабиёти пурғанованеро дорост. Барои ба ҷомеаи ҷаҳонӣ шиносонидани адибони қаламкашу нодиргуфтори адабиёт муҳаққиқони зиёде умри пурбаракати хешро сарф намудаанд. Боиси таассуф ҳам ҳаст, ки то ба ҳол ном ва осори аксари шуарои адабиёти клоссики мо ба ҳадди кофӣ дастрас нест.

Хушбахтона, дар пайи пажуҳишу таҳқиқоти мо "Девон"-и шоири овозадори охири адабиёти клоссик Маъдани Понғозӣ, ки аз зумраи сухансароёни барҷаста ва номдори ҳавзаи адабии Фарғона маҳсуб мешавад, пайдо гардид. Ин девон соли 1869 аз ҷониби хаттоти машҳур Мирзо Содиқи Хӯқандӣ китобат шуда, аз миёни нусхаҳои осори ин шоири маҳбуб комилтарини он шумурда мешавад.




Ёдовар мешавем, ки то ба ҳол девони Маъдан бо вуҷуди чандин бор чоп шудан, осори шоирро пурра фаро намегирифт. Ва таҳияи онҳо аз руйи 4 нусхаи девони шоир таҳия шуда буданд, ки қадимтарини он нусхаҳо соли 1905 китобат шуда будаанд. Ва ин нусхае, ки дастраси мо гардид, қадимтарини он дониста мешавад, ки ҳамагӣ баъди 23 соли фавти шоир китобат шудааст.

Ҳоло ин нусха дар Маркази дастхатҳои Намангони Ҷумҳурии Ӯзбекистон нигаҳдорӣ мешавад.

Умед аст, ки дар наздиктарин фурсат ин девон ба хати кирилӣ баргардон шуда, ба дӯстдорони каломи бадеъ пешкаш мегардад.

Бахтовар Темирзода,
муаррих

Ҳама чиз дар бораи IT



Муаллифи гӯша:
Максим ШУМСКИХ,
Директори генералии ширкати байналмилалии IT «Матадор»
Аз ҳама қолиб дар Telegram:
t.me/matador_it

ИНТЕРНЕТ. ЧӢ ТАВР АЗ МАШҒУЛИЯТ ТИҶОРАТ СОХТАН МУМКИН АСТ?

Интернет барои табдил додани машғулиятҳои инфиродӣ ба тиҷорати фоидаовар имкониятҳои васеъ фароҳам меорад. Дар ин рӯзҳо шумораи бештари одамон интернетро барои харид, ҷустуҷӯи хидматҳо ё пайдо кардани мундариҷаи фароғатӣ истифода мебаранд. Одамон вақтро дар шабакаҳои иҷтимоӣ мегузаронанд, видео тамошо мекунанд ё ҷараёни рақамии иттилоотро эҷод менамоянд.

Инак чанд роҳе, ки шумо метавонед машғулиятҳои худро ба тиҷорат табдил диҳед.

Майдонҳои махсусгардонидашуда

Ҷойгиркунӣ дар майдонҳо ва биржаҳои махсусгардонидашуда: Агар шумо малакаҳои кори дастӣ дошта бошед ё маҳсулоти беназир эҷод кунед, метавонед онҳоро дар майдонҳо ва биржаҳои махсус ҷойгир намоед, ки дар он одамон маҳсулоти шабеҳро ҷустуҷӯ мекунанд ва мехаранд. Ҷойгиркунии онҳо метавонад ройгон бошад ё хариди бастаи махсусро талаб кунад. Ҳамааш аз шароити худи захира ва маъруфияти он вобаста аст. Дар ҷаҳони муосир платформаҳо ва хидматҳои гуногуни онлайнӣ мавҷуданд, ки ба таблиғи маҳсулот ё хидматҳои шумо, имкони эҷоди витринаҳо, ҷалби муштариёни нав ва кумак ба идоракунии тиҷорати шумо мусоидат мекунанд.

Фаъолияти ҷамъиятӣ

Роҳандозии блоги шахсии худ дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба шумо имкониятҳои қариб номаҳдудеро барои пул кор кардан аз корҳое медиҳад, ки то имрӯз ройгон ичро кардаед. Instagram, Facebook ва дигар шабакаҳои иҷтимоӣ имкон медиҳанд, ки саҳифаи шахсии худро эҷод кунед ва кори худро нишон диҳед, таҷрибаи худро муфодила намоед ва аз шунавандагони худ фикру мулоҳиза ба даст ored. Шумо инчунин метавонед аз таблиғ ва созишҳои сарпарастӣ пул кор кунед. Бо вуҷуди ин, як нуктаи муҳимро дар хотир доред, ки блоги шумо ба як шабакаи иҷтимоӣ тааллуқ дорад ва метавонад дар вақти дилхоҳ мавриди таҳримот қарор гирад ё комилан баста шавад.

Сомонаи шахсӣ

Таҳияи сомонаи шахсии шумо метавонад як роҳи олии пешбурд ва тавсеаи тиҷорататон бошад. Сомона ба шумо имкон медиҳад, ки симои касбӣ эҷод кунед, хидматҳои иловагӣ пешниҳод намоед, блогнависӣ кунед ва маҳсулот ё хидматҳои худро фурӯшед. Ва сомона ҳамеша аз они шумост, албатта, агар ҳама чизро барои худ дуруст тартиб дода бошед. Насби ҳисобкунакҳоро фаромӯш насозед, то фаъолияти корбарони худро дар сайт пайгирӣ кунед ва стратегияи таблиғотиро таҳия намоед.

Дар хотир доштан муҳим аст, ки рушди тиҷорат вақт, кӯшиш ва муносибати стратегиро талаб мекунад. Муваффақият метавонад дарҳол ба даст наояд, аммо бо тачриба ва субот шумо метавонед ба ҳадафҳои худ бирасед ва машғулияти худро ба як кори фоидаовар табдил диҳед.

Агар ягон саволатон боқӣ монда бошад, метавонед шахсан ба ман тавассути телеграм нависед: @gkmatador



ЗАНҶИРБАНДИ ДИЛШОД КРАСАВЧИК

Боздошти гумонбари асосӣ дар қазияи Шуҳрат Исматуллоев



АХИРАН АКСИ ПОЮ ДАСТ ДАР ЗАВЛОНАИ ДИЛШОД САИДМУРОДОВ, МУЛАҚҚАБ БА «ДИЛШОДИ СБ» Ё “ДИЛШОДИ КРАСАВЧИК” РАСОНАЙ ШУД. МЕГЎЯНД, КИ Ў ДАР РУСИЯ БОЗДОШТ ВА БА ТОҶИКИСТОН ИСТИРДОД ШУДААСТ. МАҚОМОТИ РАСМӢ ТО КУНУН ДАР ИН БОРА ЧИЗЕ НАГУФТААНД. ДИЛШОД САИДМУРОДОВ, КИ МЕГУФТАНД ДАР РУСИЯ ПАНОҲ БУРДААСТ, ГУНАҲГОРИ АСОСИИ КУШТОРИ МУОВИНИ ЯКУМИ РАИСИ ҶСК “ОРИЁБОНК” МЕБОШАД.

Қазияи Исматуллоев

Шуҳрат Исматуллоев соати 8-и шоми 23-юми июн дар кӯчаи Закариёи Розии ноҳияи Исмоили Сомонии пойтахт аз ҷониби афроди номаълум рабуда шуд. Мақомот гуфтанд, ки дар рабудани Шуҳрат Исматуллоев 15 нафар даст доранд. Пас аз моҳҳо ҷустуҷӯи ҷасади Шуҳрат Исматуллоев, ниҳоят ӯро аз дарёи Зарафшон, дар мавзеи Саразми Панҷакент пайдо карданд. Прокурори генералии Тоҷикистон Юсуф Раҳмон Аҳмадзод зимни нишасти матбуотӣ гуфт, ки шахсияти ӯро аз рӯйи дандонаш муайян кардаанд. Ҳарчанд Рустам Ашӯров, яке аз қотилон дар суҳбати телефонӣ бо модараш аз Молдова гуфта буд, ки ҷасади Шуҳрат Исматулловро ба дарёи Варзоб партофтааст. Аммо ҳақиқати ҳолро Прокурори генералӣ гуфт.



Бино ба навиштаи расонаҳо, ҷасади муовини раиси “Ориёнбонк”-ро 3 нафар моҳигирон дар мавзеи Саразми Панҷакент пайдо карда, ба мақомоти кудратӣ хабар додаанд. Ба гуфтаи моҳидорон, ҷасад ба ҳадде вайрон шуда буд, ки мард ё зан буданаш маълум набудааст. Вале ба гуфтаи Юсуф Раҳмон Аҳмадзод, шахсияти ҷасад аз рӯйи дандонҳояш муайян карда шудааст.

Гурӯҳи ҷиноятӣ аз забони мақомот

Тавре қаблан мақомот хабар дода буданд, дар натиҷаи гузаронидани амалиёти фаврӣ-тафтишотии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар муайян шуд, ки роҳбарии гурӯҳи муташаккили ҷиноятиро вобаста ба рабудани муовини аввали раиси «Ориёнбонк» Шуҳрат Исматуллоев Дилшод Саидмуродов ба ухда дошт. Номбурда нақшаи ҷинояти мазкурро моҳи марти соли 2022 тарҳрезӣ ва барои амалӣ намудани он гурӯҳи муташаккили ҷиноятии яроқнокро зиёда аз 10 нафар ташкил намуда буд.

Он вақт амалӣ намудани ҷинояти номбурда бо сабабҳои аз Саидмуродов Д. Ҳ. ва дигар аъзои гурӯҳ вобастанабуда муяссар нагардидааст.

23-юми июн соати 20:10 дар кӯчаи Закариё Розии ш. Душанбе Саидмуродов Д. Ҳ. бо аъзои дигари гурӯҳ Ашуров Рустам Каримович, Хуҷаев Шоҳрух Хуҷаматович, Аҳмедов Акбар Акрамович ва дигарон аз фурсати муносиб истифода бурда, Исматуллоев Ш. А.-ро зӯран ба мошини «Хюндай-Соната», рақами қайдаш 01-97М01, сиёҳранг, савор намуда, ба самти деҳаи Шодоб-1, воқеъ дар ҷ/д Чорбоғи н. Варзоб бурдаанд.

Онҳо шаҳрванд Исматуллоев Ш. А.-ро то соати 03:00 рӯзи 24-уми июн дар яке аз хонаҳои деҳаи номбурда бо истифода аз қувваи ҷисмонӣ, электрошокер, автофен ва дигар таҷҳизот таҳти шиканҷа қарор дода, ба қатл расонидаанд.

Баъдан, гурӯҳи ҷиноятӣ бо мақсади пинҳон намудани изи ҷиноят дар километри 130-юми роҳи Душанбе-Чаноқ ҷасади Исматуллоев Ш. А. ва мошинаш «Хюндай-Соната»-ро ба дарёи Зарафшон партофтаанд.

Худи ҳамон рӯз ҷиноятқорон Саидмуродов Д. Ҳ. ва Аҳмедов А. А. ба Русия, Хуҷаев Ш. Х. ба Туркия ва Ашуров Р. К. 25-уми июн ба Туркия ва 30-юми июн ба Молдова фирор намудаанд.

Дар рафти убури сарҳади Молдова Ашуров Р. К. аз тарси дастгир ва ба Тоҷикистон истирдод шуданаш, таппончаи яке аз кормандони мақомоти фурудгоҳи Кишинёвро гирифта, ду нафари онҳоро ба қатл расонида ва якчанд нафари дигарро гаравгон гирифта, ҳангоми гузаронидани амалиёти зиддитеррористӣ ярадор ва 3-юми июл аз ҷароҳатҳои бардошта ҳалок гардид.

Ҳоло дар сурати тасдиқ ёфтани боздошти Дилшод Саидмурод, аз 15 нафар ҷиноятқор дар куштори муовини якуми раиси “Ориёнбонк”, 14 нафарашонро мақомот боздошт намуданд.

У.НИЁЗОВ

АЗ ИФТИХОР ТО ИБТИКОР

(Аввалаш дар саҳ.3)

Ман намедонам, ки мо Хайёму Ҳофиз, Лоиқу Бозору Қаноати дигар сохта метавонем ё не, аммо шояд вақти он расидааст, то ифтихорро кам карда, ба ибтикор гузарем, яъне ба кору пайкори нав. Шояд вақте ки шоир аз тамаллуқу косалесӣ даст мекашаду ҳунарманд ба хотири ҳунар рӯйи саҳна мебарояд, ба саволи Ҳазрати Лоиқ ҳам ҷавоб пайдо мешавад?

«Мазор»-ҳои бешафоат...

Мо миллати тамаддунофарем... Ин суханест, ки мо ҳар рӯз садҳо бор аз равзанаи симо мешунавем ва ифтихор мекунем як ҷузъи ҳамин тамаддунофаронем, аммо чаро дигар тамаддун намеофарем?!

Аксарияти олимону академикҳои муҳтарами мо дар соҳаи филология, фалсафа ва таърих ҳастанд. Чаро мо олиме надорем, ки ягон асбоби оддии рӯзгорро ихтироъ намуда, пешкаши мардум карда бошад?! Шояд бас будагист дар бораи «Нақши пасванду пешвандҳо дар калимасозӣ» рисолаи илмӣ навиштану олим шудан?! Шармандагие, ки “Диссернет” ба сари олимони мо оварда буд, ногуфтанӣ аст. Пас барои аз вартаи шармандагӣ баромадан қадаме пеш мондан даркор аст ё не? Пас биёед барои осон шудани зиндагии мардум олимони азизи мо заҳмат кашанд, баъд мо бигӯем, ки ана ҳамин сӯзану сақичу собун офаридаи истеҳсолгарони ватаниянд...

Як одати бад ва аз чорчӯбаи хасоили ҳамидаи инсонӣ дури мардуми мо аз дигарон боло гирифтани худ ва паст задани дигарон аст. Ман бисёр шунидаам, ки на танҳо мардуми оддӣ, балки равшанфикрони мо низ мегӯянд: “Фалону бисмадон миллатҳо аз мо шаҳрсозию иқомати доимиро ёд гирифтанд, вагарна биёбонгард буданд”. Аммо ман мехоҳам бипурсам, ки чаро фалону бисмадон имрӯз фарҳангу дониш ва тараққиёти аз мо пеш доранд?! Ман ин суханҳоро аз ҳаво намегӯям, барои ин далел дорам...

Бузургманишии миллӣ

Имрӯз дар саросари шаҳри Душанбе ободкориҳои бесобиқа ҷараён доранд. Мири ҷавону ташаббускори шаҳр Рустами Эмомалӣ мехоҳад Душанберо ба яке аз аз шаҳрҳои зеботарин дар Осиёи Марказӣ табдил диҳад. Вале оё дили мо шаҳрнишинони ба қавли худамон маданӣ ва фарҳангӣ барои ин зебоиҳо месӯзад?! Не, илло, ки не! Занони миллати тамаддунофар ин марказҳои фароғатро имрӯз ба макони кӯрпачаофтобдиҳию қолинхушккунӣ табдил надодаанд?! Дар бораи подездҳои чиркину антисанитарӣ дигар намегӯям, зеро аз гуфтану навиштанҳо дар назари баъзеҳо бад ҳам шудаму барои “партоватро аз роҳрав бардор” гуфтанҳо ба хонаам низ омадаанд.

Хонаю палос, одаму либос

Чандест, ки масъулини Вазорати фарҳанг ва Кумитаи занон ва оила мехоҳанд занони моро миллипӯш кунанд ва либосҳои бегонаро аз байн баранд, вале...

Либосе, ки имрӯз зани тоҷик дар шаҳр ба бар мекунад, на миллӣ асту на исломӣ, шахсан ман намедонам онро ба кадом навъ ҷудо кунам. Куртаҳои дароз ва шарфҳои гирди сарашон печонидаи духтарони тоҷик бештар ба либоси лӯлиён монанд аст, балки лӯлиёна аст. Яъне имрӯз либоси лӯлиёни ҳарҷогард байни тоҷикон мӯд аст, инро низ аз рӯйи мушоҳида мегӯям. Чанде пеш дар маҷлиси волидайни яке аз мактабҳои овозадори пойтахт ширкат варзидам. Иштироккунандагон модарон буданд ва толори мактаб ба хаймаи бузурги лӯлиён, ки онро дар филмҳо дидаам, монанд буд...

Либоси миллии мо озода, хушдӯхт ва вобаста ба фасли сол тарҳрезӣ мешуд. Ҳоло намедонам ин либосҳои булаҷабро кӣ байни занони мо мӯд мекунад?

Ин буд андешаҳои банда оид ба ифтихору ибтикор...

Лолаи САИДАКБАР

ЗИНДОНИ ЗИНДАГӢ

Чаро маҳбусони собиқ зери табъиз мемонанд?

Атмия Азимова соли 2013 бо ҷурми қочоқи маводи мухаддир барои 8 сол аз озодӣ маҳрум шуда буд. Пас аз як соли иҷрои ҷазо дар маҳбас тибқи Қонуни Афв, ки дар остонаи ҷашни 25-солагии Истиқлол амалӣ гашт, ба озодӣ баромад. Ӯ мегӯяд, баъди аз маҳбас баромадан дарк кардааст, ки азоби баъди маҳбас сангинтар аз зиндон будааст.





Дар чорсӯи тақдир

Атмия баъди ба озодӣ баромадан як сол дари даҳҳо сохторро барои пайдо кардани ҷойи корӣ кӯфт, аммо доштани доғи судӣ боиси кор наёфтанаш шуд. Билохира соли 2014 барои соҳиб шудан ба гранти президентӣ талош кард.

Атмия Азимова мегӯяд: “Баъди аз маҳбас баромаданам шавҳарам аз баҳри ман гузашта, зани дигар гирифт. Ман бо доғи судӣ бо се фарзанд танҳою сарсон мондам. Он шабу рӯз бисёре аз пайвандонам аз ман рӯй гардонида буданд. Тасаввур кунед, вақте оилаатон вайрон, номатон доғдор ва фарзандони падаратон бегона мешаванд, чӣ қадар вазнин аст зиндагӣ кардан”.

Эътимоди Раҷаббой Аҳмадзода

Қаҳрамони мо мегӯяд, ки вақте аҳли оила ба шахси аз маҳбас баромада эътимод намекунанд, интизор шудани боварии ҷомеа бефоида аст. Ӯ мегӯяд, ки вақте гранти навиштааш гузашт, барои гирифтани мактуби кафолатӣ азоб кашид, зеро ҷомеаи мо ба зиндониён бовар надоранд.

Атмия Азимова он рӯзҳоро ба ёд оварда, мегӯяд: “Соли 2014 вақте ба МИҲД-и шаҳри Хуҷанд барои гирифтани мактуби кафолатӣ барои грант рафтам, як масъул (аз ифшои номаш худдорӣ мекунем) рад кард ва ҳоло аз ҷойи кораш берун нашуда, ба касе занг заду гуфт: “Ба тюремшик боварӣ нест, мактуб надиҳед, ки дар бало намонед!”. Инро фаҳмида, дубора ба наздаш даромадам ва бо чашмони пурашк гуфтам, ки барои ҷинояти кардаам ҷазоямро гирифтам, минбаъд ба роҳи нек ва кори нек машғул шудан мехоҳам. Барои мактуби кафолатӣ ҳамагӣ як рӯз мӯҳлат монда буд. Ба қабули раиси шаҳри Хуҷанд, ки он солҳо Раҷаббой Аҳмадзода буданд, даромада, вазъиятро фаҳмонидам. Аҳмадзода худашон мактуби кафолатиро доданд ва ҳамон рӯз ба Душанбе рафта, грантро гирифтам. То ҳол аз эшон миннатдорам, ки ба ман бовар карданд”.

Зиндагӣ маҷбур кард…

Аз Атмия пурсидам, ки сабаби даст ба фурӯши маводи мухаддир заданаш дар чӣ буд? Ӯ чунин посух дод: “Бо се писар зиндагии миёнаҳолона доштем. Аз сабаби набудани маблағ оддитарин орзуҳои кӯдаконам ормонӣ мешуд. Як рӯз писари калониям гуфт, ки барои дар варзишгоҳ машқу тамрин кардан барояш 200 сомонӣ лозим аст. Борҳо аз падараш ҳам хоҳиш кард, вале шароит набардошт. Баъдан ба воситаи як шинос даст ба миёнравии қочоқи маводи мухаддир задам. Гарчанде медонистам, ки роҳи рафтаам хато аст...

Аммо як соли дар маҳбас будан барои як умр тавба кардан маро ислоҳ кард. Дар маҳбаси занонаи Норак ҳам дӯзандагиро аз худ кардам, ҳам хатоҳои худро фаҳмида, тавба кардам ва ҳам китоби “Сабри ҳазрати Яъқуб”-ро хонда, сабуриро омӯхтам”.

Гранти умедбахш

Атмия Азимова бо гирифтани 10 ҳазор сомонӣ гранти президентӣ, баъди як соли талош тавонист коргоҳи дӯзандагии “Умедбахш”-ро ташкил кунад ва барои ҳамтақдирони худ шароити корӣ фароҳам орад. Ҳоло ӯ ба 12 зани аз маҳбас озодшуда ҷойи кор додааст. Ба гуфтаи ӯ, маоши онҳо аз рӯйи ҳаҷми корашон аст, ки аз 50 то 120 сомониро дар як рӯз ташкил медиҳад. Ҳоло набудани коргоҳи замонавӣ барояш мушкил пеш овардааст. Аз ин рӯ, барои ташкили корхонаи мувофиқ соли 2018 аз маҳаллаи Навбунёд, ҷамоати Дадобой Холматови ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 31 гектар замин гирифтааст. Талош дорад, ки дар он ҷо ҳам коргоҳи нави дӯзандагӣ бунёд кунад ва ҳам барои ҳамтақдирони бехонааш 10 манзили истиқоматӣ бисозад...

Имсол Атмия Азимова талош дорад Гранти президентиро дубора соҳиб шавад, ки маблағи он 40 ҳазор сомонӣ аст. Ӯ гуфт, ки агар ин миқдор маблағро соҳиб шавад, 50%-и коргоҳи нави дӯзандагиаш бунёд хоҳад шуд.

Кумак ба зиндониёни собиқ

5-уми октябр зимни суҳбат ба мо сардори Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Суғд Шермуҳаммад Нодирӣ гуфт, ки давоми 9 моҳи соли ҷорӣ 306 нафар шаҳрвандони аз муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ озодгардида бо мушкилоти бекорӣ мурочиат кардаанд. Нодирӣ гуфт, ки аз ин шумора 32 нафарашон собиқ маҳбусзанҳо будаанд.

“Дар натиҷаи андешидани тадбирҳо 134 нафар бо ҷойи корӣ таъмин шуданд. Бо назардошти дар қайд будани солҳои қаблӣ ба 237 нафар кумакпулӣ пардохта шуд. Нафарони аз маҳбас озодшуда бештар ба соҳаи сохтмон, хоҷагии коммуналӣ ва соҳаи саноат ҷалб карда шудаанд”,- гуфт Нодирӣ.

Ба гуфтаи сардори Раёсати агентӣ, тибқи талаботи қонун ба се категорияи шаҳрвандон кумакпулӣ пардохта мешавад: нафарони аз хизмати ҳарбӣ озодшуда, собиқ маҳбусон ва онҳое, ки корхонаашон барҳам хӯрдааст. Ин кумакпулӣ солҳои қабл 400 сомонӣ буда, аз якуми июли соли сипаришуда 600 сомонӣ муқаррар гардидааст ва то се моҳ пардохта мешавад.

Шикоят аз ҷомеа

Намояндаи филиали Ташкилоти ҷамъиятии “Идораи ҳуқуқи инсон ва риояи қонуният” дар шаҳри Хуҷанд Абдураҳмонова Баҳрӣ мегӯяд, ки маҳбусони собиқ бештар аз фишори ҷомеа шикоят мекунанд: “Ташкилоти мо бо нафарони аз маҳбас озодшуда кор мекунад. Мизоҷони мо мегӯянд, ки муносибати ҷомеа бо онҳо дурушт аст ва зиёд зери табъиз қарор мегиранд. Бархе аз афроди ҷомеа шаъну шарафи маҳбусони собиқро зери по карда, бо истифода бурдани калимаи “тюремшик” онҳоро таҳқир мекунанд”.

Баҳрӣ Абдураҳмонова мегӯяд, ки ташкилоти онҳо барои барқарор кардани ҳуҷҷатҳои собиқ маҳбусон мусоидат менамояд ва бо табъиз шудани онҳо мубориза мебарад. Ӯ мегӯяд, ки агар муносибати ҷомеа ба маҳбусони собиқ инсондӯстона бошад ва муассисаҳои дахлдор барои бо кор таъмин шудани онҳо мусоидат намоянд, онҳо такроран даст ба ҷиноят намезананд.

Қонун табъизро маҳкум мекунад

Ёдовар мешавем, ки 19.07.2022 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баробарӣ ва барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз” ба тасвиб расид, ки он ҳама гуна табъизро маҳкум мекунад. Қонуни мазкур асосҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии амалигардонии ҳуқуқ ва имкониятҳои баробарро барои ҳамаи шахсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда, низоми ҳуқуқии пешгирӣ ва ҳифзи самаранок аз ҳама гуна шаклҳои табъизро муқаррар менамояд.

Дар моддаи 1-и он омадааст: “Табъиз - ин ҳама гуна фарқиятгузорӣ, истисноқунӣ, маҳдудсозӣ ё афзалиятдиҳӣ мебошад, ки дар асосҳои воқеӣ ва (ё) эҳтимолӣ нисбат ба дилхоҳ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ё гурӯҳи шахсон, хешовандони онҳо ё шахсони бо онҳо ба тариқи дигар алоқаманд ба вуҷуд омада, ба аломатҳои нажод, ранги пӯст, пайдоиш, ҷинс, забон, дин ва эътиқод, мансубияти миллӣ ва (ё) этникӣ, маъюбият, вазъи саломатӣ, синну сол, шаҳрвандӣ, ақида, вазъи молумулкӣ ё ҳолати дигар асос меёбад ва мақсад ё оқибати он бад кардан, нобуд сохтан ва (ё) кам нишон додани ҳуқуқу озодиҳои эътирофшуда, истифода ё амалӣ намудани тамоми ҳуқуқу озодиҳои инсон дар асоси баробарӣ мебошад”.

Фарзона МУРОДӢ

ФАРРОШ ДАР ОРЗУИ ОШ

(Аввалаш дар саҳ.3)

Афзоиши харҷи деҳқон

Мирзоолим Ӯрунов мегӯяд, ки соли равон нархи як халта нурии минералӣ ба 250 сомонӣ баробар шуд. Барои озуқадиҳии 2,5 гектар замини шолии қаҳрамони мо бошад, 10 халта аз ин гуна нуриҳо сарф мешавад, ки нархи умумии он 2 ҳазору 500 сомониро ташил медиҳад. Бар замми ин, вай бояд андоз ва барои оби полезӣ низ пул супорад. Дарави шолӣ бошад, пурра бо ҷалби мардикорон сурат мегирад, ки нархи якрӯза меҳнати онҳо 150 сомонӣ аст. Яъне деҳқон ғайр аз меҳнати вазнин, ба заминаш ҷамъоҷамъ беш аз 3 ҳазор сомонӣ хароҷот мекунад. Қаҳрамони мо дар як сол аз заминаш беш аз 6 тонна ҳосили шолӣ ба даст меорад. Соли равон бошад, бинобар талафёбӣ этимол аст, ки ҳосилаш нисбати соли сипаригардида кам шавад.

Ҳосил зиёду нарх осомонӣ

Дар ҳамин ҳол, Абдуҳаким Қаландаров, сардори шуъбаи истеҳсолии Сарраёсати кишоварзии вилояти Суғд тариқи суҳбати телефонӣ ба мо иттилоъ дод, ки соли равон дар майдони 7 ҳазору 554 гектар кишти шолӣ гузаронида шудааст. Иттилоъ дода шуд, ки тибқи маълумотҳои оморӣ ба санаи 1-уми октябри соли ҷорӣ деҳқонони шаҳру навоҳии вилоят дар майдони 1 ҳазору 964 гектар дарав гузаронидаанд. Мавсими даравидани шолӣ ҳоло асосан дар ноҳияву шаҳрҳои Бобоҷон Ғафуров, Исфара, Конибодом ва Панҷакент оғоз шудааст. Бино ба иттилои Абдуҳаким Қаландаров, истеҳсоли шолӣ бошад, ба санаи 1-уми октябри соли ҷорӣ 12 ҳазору 451 тоннаро ташкил медиҳад, ки ин рақам нисбати соли гузашта 950 тонна зиёд мебошад. Кишоварзони вилоят кӯшиш доранд, ки ҳосилнокиро баланд бардошта, барои таъмини аҳолӣ бо биринҷ ва муътадил нигоҳ доштани нарху навои ин намуди маҳсулот расидагӣ кунанд.


Вале бо ворид шудани биринҷи нав ба бозор нархи он паст мешавад? Ин суолест, ки бисёриҳоро нигарон мекунад.

Фарзона ШАМСИЕВА,
шаҳри Хуҷанд

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

СУРЕН ШАДУНС

Сарвари Тоҷикистон, дӯсти Лоҳутӣ ва қурбонии Сталин



Сурен Шадунс бо Иосиф Сталин

Фоҷеаи Қарабоғи куҳӣ солҳои охир яке аз мавзуъҳои доғ дар расонаҳои ҷаҳонӣ аст. Мардуми тоҷик ҳам ҳаводиси Қарабоғро пайгирӣ мекунанд, зеро давоми 70 сол ин минтақа чун Тоҷикистон ҷузъе аз кишвари паҳновари Шуравӣ буд. Вале кам касон имрӯз медонанд, ки Қарабоғро ду фарзандаш низ бо кишвари мо мепайванданд, яке Сурен Шадунс, дигаре Андрей Бобоев...

Фарзандони Қарабоғ

Дар бораи бастакори маъруфи Шуравӣ Андрей Бобоеви қарабоғӣ ва ҳамкории ӯ бо "Тоҷикфилм" устод Мирзо Турсунзода ва дигар фарҳангиёни тоҷик зиёд навиштаанд. Оҳанги эҷоднамудаи ӯ - "Я встретил девушку" - "Ман бо духтаре вохӯрдам" бо суханҳои сеҳрангези устод Турсунзода то имрӯз вирди забон аст. Вале дар бораи Сурен Шадунс хеле кам навиштаанд. Ҳол он ки, ӯ аз 3-юми январи соли 1935 то 16-уми январи соли 1937 Котиби якуми Кумитаи марказии Ҳизби коммунисти ҶШС Тоҷикистон буд, яъне роҳбари давлат. Ҳафтаи равон 125-солагии мавлуди Шадунс буд, бинобар ин, ёде аз ӯ мекунем.

Зинаҳои ҳизб

Сурен Шадунс моҳи октябри соли 1898 дар деҳаи Ҷабраили минтақаи Шушаи Қарабоғи куҳӣ таваллуд шудааст. Ба миллат арманӣ мебошад. Таҳсилоти ибтидоӣ ва олиро дар Қарабоғ гирифта, соли 1921 ба Ереван меравад ва ба ҳаракатҳои инқилобӣ пайваста, дар барқарор кардани ҳокимияти советӣ дар Озарбойҷону Арманистон талош мекунад.



Сурен Шадунс бо Абулқосим Лоҳутӣ ва Мамлакат Наҳангова

Солҳои 1921-1923 котиби Кумитаи умумииттифоқии Ҳизби коммунистӣ (буржуазӣ) дар Ереван буд. Баъдан муддате дар дастгоҳи марказии ҳизб фаъолият дошт.

Соли 1923 ба вазифаи сардори шуъбаи хоҷагии оби Комиссариати халқии заминсозии Арманистони шуравӣ таъйин мешавад. Баъдан Раёсати хоҷагии оби Закавказро роҳбарӣ менамояд. Солҳои 1928-1931 дар дастгоҳи марказии КМ ҲК (б) фаъолият менамояд.

Қурбонии репрессия

Дар оғози солҳои 30-юм Сурен Шадунс ба Осиёи Марказӣ фиристода мешавад. Солҳои 1931-1932 роҳбари Иттиҳодияи осиёимарказигии пахта, солҳои 1932-1934 Котиби бюрои осиёимиёнагии КМ ҲК (б) шуда кор мекунад. Ҳамчунин дар мубориза бо ҳаракатҳои босмачигарӣ саҳм гузоштааст.

Соли 1935 Сурен Шадунс Котиби якуми КМ ҲК (б) ҶШС Тоҷикистон таъйин мешавад ва дар оғози соли 1937 бо ҷурми хунукназарӣ ба кори ҳизбӣ аз вазифа сабукдӯш мешавад. Ҳамон моҳ дар матбуоти Тоҷикистон ба муқобили ӯ мақолаҳо нашр мешаванд.

Моҳи ноябри соли 1937 Сурен Шадунс ҳам қурбонии репрессияи сталинӣ мешавад. Бо қарори коллегияи Суди Олии ИҶШС ӯро ба ҳукми қатл маҳкум карда, 21-уми апрели соли 1938 дар маҳаллаи Коммунаркаи вилояти Москва парронида мешавад. Моҳи сентябри соли 1956 бошад, ӯ сафед карда мешавад...

Ғалаба дар сиёсати пахта

Дар бораи Сурен Шадунс маълумоти зиёд дар даст нест. Матбуоти солҳои 30-юмро вақте кас варақ мезанад, маълум мешавад, ки ӯ як коммунисти маъмулӣ буда, барои ичрои супоришҳои ҳизб талош мекард. Махсусан, вай барои мустаҳкам кардани кори колхозҳо ва рушди пахтакорӣ дар кишвар чон меканд. Саҳифаҳои зардшудаи матбуоти солҳои 30-юм баёнгари онанд, ки пахта барои Шадунс мавзуи меҳварии фаъолияти кориаш будааст. Зеро дар ҳар шумораи рӯзномаҳои даврӣ масъалаи пахта бардошта мешуд, ки он ҷо Шадунс қаҳрамони меҳварӣ буд.

Талошҳои Шадунс дар соҳаи пахтакорӣ самар меорад ва билохира соли 1935 пахтакорони тоҷик бо ичрои 135% дар ичрои плани пахта дар Иттиҳоди Шуравӣ мақоми дуюмро соҳиб мешаванд.

Ба ин муносибат 4-уми декабри соли 1935 дар Кремл маросими пазироии колхозчиёни тоҷик (ва туркмен) баргузор шуд. Дар ин маросим бо роҳбарии Сурен Шадунс, шоир Абулқосим Лоҳутӣ, Муқим Султонов, роҳбарони колхозҳо Саидхоҷа Урунхоҷаев, Тешабой Худоёров, трактрочии МТС-и Вахш Салимҷон Ҷалилов ва пионери 11-сола Мамлакат Наҳангова ширкат намуданд. Меҳмононро худи Иосиф Сталин пазироӣ ва онҳоро бо мукофотҳои давлатӣ қардонӣ кард.

Диққати Сталинро бештар дар чорабинӣ Мамлакат Наҳангова ҷалб карда буд. Ин духтари 11-сола аз колхози ба номи Лоҳутии ҷамоати Шоҳмансури ноҳияи Сталинобод ба Алексей Стаханови ангишткан, ки меъёри якрӯзаи корашро 14,5 баробар зиёд ичро карда, 102 тонна ангишт канда буд, баробар шуда, дар як рӯз 102 кг пахта чид.

Мамлакат муваффақияти Сурен Шадунс дар ин пазироӣ буд.

Роҳбари фарҳангӣ

Аз маълумоти матбуоти солҳои 30-юм бармеояд, ки Сурен Шадунс шахси фарҳангӣ ҳам будааст. Ӯ ба масоили фарҳангӣ бевосита дахолат карда, бо зиёиёни эҷодкор робитаи мустақим дошт.

Барои мисол, ӯ моҳи марти соли 1936 песаи "Шоҳнома"-ро, ки Театри давлатии академӣ-драмавии ба номи Лоҳутӣ ба саҳна гузошта буд, дар ҳучраи кории худ ба муҳокима мекашад. Дар ин муҳокима директори театр Бобоҷонов, ҷонишанаш Турчинская, роҳбари бадеӣ Тихонович, ичрокунандагони нақшҳои асосӣ Миркарим Саидов, Абдураҳмон Исматов, Комиссари халқии маориф Ҳасанов, роҳбарони шуъбаҳои КМ - Мавлонбеков, Абдинов, Ризоев ва Павлов ширкат мекунанд. Аз гузориши "Тоҷикистони советӣ" бармеояд, ки Шадунс хеле бо ҷиддият ба муҳокимаи песа мепардозад. Ӯ ба саволи "Оё кормандони театр песаро фаҳмидаанд?" посух меҷӯяд ва дастоварду камбудиҳоро баён мекунад. Барои мисол, Шадунс зидди символизм баромада, мегӯяд, ки коргару деҳқон рамзу розро намефаҳманд ва театр бояд аз рӯйи меъёрҳои реализми сотсиалистӣ амал карда, онро ба мардум фаҳмо намояд.

Дӯсти Лоҳутӣ

Сурен Шадунс дӯсти наздики Абулқосим Лоҳутӣ ҳам будааст. Тибқи иттилои адабиётшинос Валӣ Самад, ӯ то омаданаш ба Тоҷикистон бо шоири инқилобӣ робитаи бародарона барқарор карда будааст. Шадунс бахшида ба 30-солагии фаъолияти эҷодии Лоҳутӣ телеграммаи табрикӣ фиристода, навишта буд: "... ба шумо саломи рафиқона мерасонам".

Солҳои 30-юм пантуркистоне чун Бектош, Комилӣ, Боту ва Чӯлпон ба Лоҳутӣ ва шеъраш ҳучум намуданд. Онҳо Лоҳутиро бо руҳияи архаистӣ доштани шеъраш, пойбанди тасаввуф буданаш, доҳиёни пролетариати ҷаҳонро дуруст нашинохтанаш ва тарғибгари ахлоқи нохуш ва номақбул буданаш гунаҳгор мекарданд.

Сурен Шадунс ин ҳама даъвоҳои беасосро дар Пленуми якҷояи КМ ҲК ва КИМ-и Тоҷикистон инкор карда, гуфт: "... Лоҳутӣ барои ҷавонони бузургшудаистодаи тоҷик бехтарин муаллим мебошад. Дар Тоҷикистон ва инчунин дар шарқи хориҷӣ ягон гӯша ёфт намешавад, ки дар он ҷо Лоҳутиро нашинохта бошанд...".

Бо ҳамин даъвоҳо ба муқобили Лоҳутӣ поён ёфтанд...

Ҳамчунин, ҳамон шабу рӯз Шадунс "Қадри Лоҳутӣ дар назди пролетариати ҷаҳон пӯшида нест" навишт.



Деҳқонони тоҷик бо роҳбарии Шадунс дар Кремл

Одил НОЗИР

БОЗИҲОИ ОСИЁ

ТОҶИКИСТОН БО 7 МЕДАЛ МУСОБИҚАРО ДАР ҶОЙИ 24-УМ ҶАМЪБАСТ КАРД

Бозиҳои XIX-уми Осиё бо ғалабаи мутлақи мизбонони мусобиқа - Чин анҷом ёфт. Тоҷикистон дар ин мусобиқа бо гирифтани 7 медал (2 тилло, 1 нуқра ва 4 биринҷӣ) мақоми 24-умро касб кард.



Дар умум, Тоҷикистонро дар ин мусобиқа 138 варзишгар дар 18 намуди варзиш намояндагӣ карданд. Дар Бозиҳои осиёӣ Сомон Маҳмадбеков (-81 кг) дар риштаи ҷудо нишони тилло, Давлат Болтаев (-92 кг) дар риштаи бокс нишони тилло, Темур Раҳимов (+100 кг) дар риштаи ҷудо нишони нуқра, Ҳақназар Назаров (-90 кг) дар риштаи кураш нишони биринҷӣ, Беҳрӯз Хоҷазода (-73 кг) аз риштаи ҷудо нишони биринҷӣ, Хайрандеш Муродзода (-66 кг) аз риштаи кураш нишони биринҷӣ, Миҷгона Самадова (-57 кг) дар риштаи бокс нишони биринҷӣ ба даст оварданд. Миҷгона Самадова ва Давлат Болтаев ба Бозиҳои тобистонаи Олимпии Парис-2024 роҳхат гирифтанд.

Дар умум, Чин ғолиби мутлақи Бозиҳои осиёӣ-2022 гардид. Ин кишвар тавонист 383 медал (201 тилло, 111 нуқра, 71 биринҷӣ) ба даст орад. Ҷопон бо 52 тилло, 67 нуқра, 69 биринҷӣ дуюм, Куриёи Ҷанубӣ бо 42 тилло, 59 нуқра, 89 биринҷӣ сеюм, Ҳиндустон бо 28 тилло, 38 нуқра, 41 биринҷӣ чорум ва Ӯзбекистон бо 22 тилло, 18 нуқра, 31 биринҷӣ панҷум шуданд.

ФУТЗАЛ



ДАСТАИ МУНТАХАБИ ТОҶИКИСТОН БА ДАВРИ ФИНАЛӢ РОҲ ЁФТ

Футзалбозони тоҷик дар бозии дуюми марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2024 дарвозаи Фаластинро торумор карда, ба даври ниҳоии мусобиқа роҳ ёфтанд.

Бозиҳои гурӯҳии марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2024 дар гурӯҳи «E» бо ширкати дастаҳои мунтахаби Тоҷикистон, Мянмар, Ҳиндустон ва Фаластин дар Душанбе баргузор шуданд.

Дастаи мунтахаби футзалиТоҷикистон дар бозии якум бар дастаи мунтахаби Ҳиндустон бо ҳисоби 6:3 пирӯз шуд. Дар вохӯрии дигари ин гурӯҳ дастаи мунтахаби Мянмар бар тими Фаластин ғалаба кард - 2:1.

Дар бозии дуюм шогирдони Пайрав Воҳидов бар дастаи Фаластин бо ҳисоби 6:1 пирӯз шуданд ва амалан ба даври финалии Ҷоми Осиё-2024, ки соли оянда дар кишвари Тайланд баргузор мешавад, роҳхат гирифтанд.

Дастаи мунтахаби Мянмар дар бозии дуюм дасти Ҳиндустонро бо натиҷаи 5:2 шикаст дод ва низ соҳиби роҳхат ба марҳилаи ниҳоӣ шуд.

ФУТБОЛ

ДАСТАИ МУНТАХАБИ ТОҶИКИСТОН ДАР «ҶОМИ МЕРДЕКА-2023» ШИРКАТ МЕКУНАД

Ситоди мураббиёни дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон таҳти роҳбарии мутахассиси хорватӣ Петр Сегрт ҳайати дастаи мунтахаби кишварро барои ширкат дар мусобиқаи «Ҷоми Мердека-2023», ки дар Малайзия баргузор мешавад, эълон кард.

Ба ҳайати дастаи мунтахаби Тоҷикистон 3 дарвозабон, 8 ҳимоятгар, 8 нимҳимоятгар ва 4 ҳамлагар, дар маҷмуъ 23 бозигар шомиланд.

Кумитаи тадорукоти мусобиқаи «Ҷоми Мердека-2023» ба мусобиқа тағйирот ворид кард. Фаластин бинобар вазъи мушкили сиёсӣ дар кишвар маҷбур шуд, ки аз ширкат дар ин мусобиқот даст кашад. Қарор буд дар даври ниманиҳоии мусобиқот Фаластин 13-уми октябр бо тими Тоҷикистон бозӣ кунад. Ба ин тартиб, Тоҷикистон пеш аз муҳлат ба финали «Ҷоми Мердека-2023» роҳ ёфт, ки ҳамакнун рӯзи 17-уми октябр дар Варзишгоҳи миллии Букит Ҷалили Куала-Лумпур бо ғолиби даври ниманиҳоӣ миёни дастаҳои Малайзия - Ҳиндустон рақобат мекунад.



ҶУДО



НИШОНИ БИРИНҶИИ АБУБАКР ШЕРОВ АЗ ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОН

Паҳлавони ҷавону умедбахши тоҷик Абубакр Шеров дар вазни то 73 кг дар рӯзи дуюми Чемпионати ҷаҳонии куштии ҷудо дар Португалия ба гирифтани медали биринҷӣ мушарраф гардид. Ин аввалин медали Абубакр Шеров дар Чемпионати ҷаҳонии ҷудо байни ҷавонон мебошад.

Абубакр Шеров дар даври аввал Руслан Коротичи амрикоӣ, дар даври дуюм Габриел Фалкаои бразилӣ, дар даври сеюм Гергели Адорчании маҷориро мағлуб намуда, дар даври чаҳорякниҳоӣ аз Алмат Адилети қазоқ мағлуб шуд ва ба даври тасаллобахш рафт.

Дар даври тасаллобахш Абубакр бо Элиот Преве аз Фаронса зафар ёфта, дар мубориза барои медали биринҷӣ бар Кейто Киҳараи ҷопонӣ ғолиб омад ва медали биринҷии мусобиқаро соҳиб шуд.

Дар рӯзи якуми мусобиқа Фазлиддин Садриддинзода дар вазни то 66 кг дар даври аввал бо 2 имтиёзи вазарӣ аз Энхтур Ҷугдергарави муғул шикаст хӯрд.

Варзишгари дигари тоҷик Муҳиддин Асадуллоев дар вазни то 73 кг то ба даври ҳаштякниҳоӣ расид. Дар даври аввал Муҳиддин бар Абдулло Алиеви қирғиз, дар даври дуюм Рикардо Гуерраи мексикоӣ ғалаба карда, дар даври сеюм аз Ҷак Ёнезукаи амрикоӣ ноком шуд.

РЕЗААХБОР

Дар мусобиқаи байналмилалӣ барои дарёфти Ҷоми ҷудои президенти Тоҷикистон, ки рӯзҳои 4 ва 5-уми октябр дар Данғара баргузор шуд, варзишгарони кишвар 25 медал (5 тилло, 6 нуқра ва 14 биринҷӣ) ба даст оварданд. Намояндагони Ӯзбекистон 5 медали тилло, 2 нуқра ва 3 биринҷиро соҳиб шуданд. Ду нишони нуқраро намояндагони Русия ба гардан овехтанд. Яктоӣ нишони биринҷиро паҳлавонони Афғонистону Эрон соҳиб шуданд.

***



Дастаи мунтахаби наврасони футболбози Тоҷикистон, ки аз бозигарони то 17-сола иборат аст, дар мусобиқаи байналмилалии Ҷоми рушд дар Минск сеюм шуд. Наврасони Тоҷикистон аз Русия (0:4) ва Белорус (2:5) шикаст хӯрданд ва дар мубориза барои медали биринҷӣ бар ҳамсолони худ аз Қирғизистон (6:1) ғолиб омаданд.

***

UEFA Британиёи Кабир ва Ирландро дар баргузории Чемпионати футболи Аврупо-2028 мизбон эълон кард. Ин бузургтарин рӯйдоди варзишӣ хоҳад шуд, ки бори нахуст дар ҷазираҳои британӣ аз даврони Бозиҳои тобистонаи Олимпии Лондон-2012 доир мегардад. Мусобиқа бо иштироки 24 дастаи мунтахаб баргузор шуда, тақрибан 3 млн билет фурӯхта мешавад, ки гунҷоиши миёнаи варзишгоҳҳо 58 ҳазор ҷойро ташкил медиҳад.

***

Сармураббии дастаи «Истиқлол» Игор Черевченко, ки дар бозии даври дуюми марҳилаи гурӯҳии Лигаи чемпионҳои Осиё дастаро роҳбарӣ намекард, ба ҳайати даста баргаштааст. Гуфта мешуд, ки Черевченко бо далели вазъи оилавӣ натавонист дастаро дар Арабистони Саудӣ муқобили «Ал-Наср» роҳбарӣ кунад. «Истиқлол» дар даври сеюми Лиги чемпионҳо бо дастаи «Персеполис» аз Эрон бозӣ мекунад.



ЛАТУКӮБИ ХОНАНДА АЗ ҶОНИБИ МУАЛЛИМ

Дар шабакаҳои иҷтимоӣ рӯзи 5-уми октябри соли 2023 видеои кӯтоҳе нашр шуд, ки дар он бо нашри аксҳои зиёди осори латукӯб дар бадани як ноболиғ иддао карда мешавад, ки як муаллим дар ноҳияи Рӯдакӣ хонандаро бераҳмона задааст.

Бино ба иддаои муаллифи сабт, ин бадрафториро муаллими мактаби миёнаи №50-и деҳаи Шайхон Саидов Иброҳим Қудбиддинович нисбат ба Ҷовид Усмоналиев, хонандаи синфе, ки раҳбараш буд, раво дидааст.

То ин лаҳза масъулони Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон ин наворро шарҳ надодаанд.

ЗАНИ ТОҶИК 1,7 МЛН РУБЛРО ДУЗДИД?

Як зани 56-сола аз Тоҷикистон, ки дар як тарабхона дар хиёбони Нева 100, дар маркази шаҳри Санкт-Петербурги Русия ба ҳайси фаррош кор мекард, ба дуздидани маблағи бузурги рублу доллар - дар умум 1,7 миллион рубл, ё ҳудудан 170 ҳазор доллари Амрико, ки ба як сайёҳ аз Индонезия тааллуқ доштааст, айбдор мешавад.


Шаҳрванди 39-солаи Индонезия ҳанӯз рӯзи 26-уми сентябри соли 2023 ба пулиси ноҳияи Тсентралнийи шаҳри Санкт-Петербург мурочиат карда, аз гум шудани пулҳояш хабар додааст. Ӯ гуфтааст, ки шоми 25-уми сентябр дар тарабхона дар хиёбони Нева хӯроки шом хӯрда буд ва ба эҳтимоли ғолиб, пулашро ҳамон ҷо фаромӯш кардааст. Таҳқиқи сабтҳои видеокамераҳои назоратӣ дар тарабхона нишон додаанд, ки ин корро фарроши тарабхона - зани 56–сола аз Тоҷикистон кардааст.

Рӯзи 4-уми октябр баъди таҳқиқи сабти видеокамераҳо кормандони пулис ин занро дар манзили иҷорааш дар кӯчаи Чехов 15 дастгир кардаанд. Аз он манзил як қисми пулҳои рабудашударо ҳам пайдо кардаанд. Зан баъди боздошташ ба гуноҳи худ зуд иқрор кардааст ва гуфтааст, ки долларҳои рабудаашро аллакай ба Тоҷикистон фиристода, рублҳоро дар хона нигоҳ медошт.

ГУЛИСТОНИ НАШЪАПАЗ

Чаро ҳамшираи тиббӣ ба ҷинояти шавҳар ҳамроҳ шуд?

Шумо шояд борҳо қочоқи маводи нашъаовар тариқи ВАО шунида бошед, вале аниқ хабари пухтупази нашъа бароятон нав аст. Шояд тасаввур ҳам намекардед, ки дар як гӯшаи Тоҷикистон як хонавода ба нашъапазӣ машғул буданд.



Маркази робита бо ҷомеаи Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистон аз боздошти як гурӯҳи нашъаҷаллобон, аз ҷумла 3 узви як оила аз ноҳияи Ховалинг хабар дод. Дар байни ин се узви як оила як зан низ ҳаст, ки дар беморхонаи ноҳияи Ховалинг ҳамчун ҳамшираи тиббӣ кор мекард ва дар шабакаи нашъаҷаллобон вазифаи пухтан ва барои фурӯш тайёр кардани маводи мухаддирро бар дӯш доштааст. Аз вай 8 бастаи афюн, иборат аз қариб 8 кило ёфт ва мусодира шудааст. Маълум гардид, ки ин занро шавҳараш ба ин амали ҷиноӣ ҷалб кардааст ва маводи мухаддиреро, ки ӯ омода мекард, додари шавҳараш ба фурӯш мезадааст.

“Дар ҷараёни тафтиши пешакӣ муайян карда шуд, ки Гулистон Тоирова маводи мухаддирро аз шавҳараш Нуров Сухроб Саидаҳрорович, соли таваллудаш 1970, сокини маҳаллаи 8 Март дастрас карда, дар шароити хонаашон онро бо роҳи ҷӯшонидан коркард мекард. Сипас маводи нашъадори коркардшударо тавассути бародари ҳамсараш Нуров Нуралӣ, соли таваллудаш 1979, дар ҳудуди ноҳия мефурӯхтааст”,- гуфта мешавад дар гузориши КДАМ.

Нисбати ин қазия парванда оғоз шуда, тафтишот идома дорад.

БОЗДОШТИ КОЛЯИ ТОҶИК

Магар ӯ бо айби духтар “подстава” шуд?



Блогери шинохтаи тоҷик Ҳоҷӣ Комрон, ки бо тахаллуси “Коля Таджик” (“Коляи Тоҷик”) машҳур аст ва бо ҳимояти ҳуқуқи муҳоҷирони тоҷик, аз ҷумла аз корфармоёни беинсоф кашида гирифтани ҳақи заҳмати тоҷикҳо ном бароварда буд, дар Русия бо иттиҳоми тамаъҷӯй ва одамрабой дастгир шудааст.

Аммо блогерҳои дигари тоҷики муқими Русия бо нашри як мурочиатнома гуфтанд, ки “Коляи Тоҷик” қурбони “подстава” аз ҷониби як духтари тоҷик шуд, ки аз вай барои рӯёндани пулаш кумак хоста буд.

Муаллифони ин мурочиатнома мегӯянд, ки “Коляи Тоҷик” рӯзи 4-уми октябр дар шаҳри Литкарино, як шаҳри бандарии воқеъ дар соҳили дарёи Москва, дар ҳамагӣ 6-километрии ҷанубишарқи МКАД ва 10-километрии шаҳри Любертсии вилояти Маскав дастгир шуда, додгоҳи Любертси ӯро рӯзи 5-уми октябр барои ду моҳ ба ҳабси пешакӣ гирифт.

Ба гуфтаи блогерҳо, як духтари тоҷик ба “Коляи Тоҷик” мурочиат карда, гиряву нола кардааст, ки гӯё як марди зодаи Ӯзбекистон 400 ҳазор рубл пули ӯро намедиҳад. Баъдан маълум шуд, ки иддаои ин духтар асос надоштааст, вале ӯ тавонистааст “Коляи Тоҷик”-ро, ки зудбовар буд ва барои дифоъ аз тоҷикҳо, бахусус аз хоҳарони тоҷик ҳамеша омода буд, бовар кунонад ва барои рӯёндани пулаш ба пеши он марди ӯзбекистонӣ фиристад. Аммо лаҳзаи “разбор” ё бигӯ-бигӯи “Коляи Тоҷик” бо он мард ба дурбини видеокамераҳои назоратӣ афтодааст ва ӯро бо иттиҳоми тамаъҷӯӣ ва одамрабоӣ дастгир кардаанд.

ХУШДОМАНИ НАҒЗ ДОМОДА ДӮСТ МЕДОРАД

… ва ҷарима месупорад!

Маркази матбуоти РВКД вилояти Суғд рӯзи 8-уми октябри соли 2023 дар шумораи навбатии барномаи “Милитсия хабар медиҳад” аз ошкор шудани боз як ҳолати поймол кардани қонуни танзими ҷашну маросим аз ҷониби нозирони минтақавии милиса дар шаҳри Хуҷанд хабар дод.

Гуфта мешавад, ки сокини Хуҷанд Малоҳат Маҳмудова санаи 2-юми октябри соли 2023, дар вақти корӣ дар қаҳвахонаи “Себарга” дар маҳаллаи 34-уми шаҳри Хуҷанд маъракаи домодталбонро бо даъвати беш аз 30 меҳмон баргузор кардааст ва маъмурияти қаҳвахона ҳам бидуни бастани қарордод ба баргузории ин маърака иҷозат додааст.

Тибқи моддаи 10-и қонуни танзими маъракаҳо, маъракаи домодталбон ё арӯсбинон бояд дар ҳалқаи оила ва бо иштироки то 15 нафар ба таври ихтиёрӣ гузаронида шавад.

Дар робита ба ин ҳолати вайрон кардани қонуни танзим протоколи маъмурӣ тартиб додаанд. Ба Малоҳат Маҳмудова бар асоси моддаи 481 КҲМ ҶТ ҷарима ба маблағи то 7480 сомонӣ таҳдид мекунад, вале ҳаҷми ҷаримаи маъмурияти қаҳвахонаи “Себарга” метавонад то 51 ҳазор сомониро ташкил кунад.

МУСОДИРАИ 285 ШИША АТР

Хадамоти матбуоти идораи боҷхонаи ҳавзаи Шимолу Ғарбии Русия рӯзи 8-уми октябри соли 2023 хабар дод, ки кормандони боҷхонаи Пулково дар фурудгоҳи шаҳри Санкт-Петербург аз бағоҷи ду мусофир аз Тоҷикистон, ки ба Петербург барои кор дар сохтмон омадаанд, 285 шиша атриёти гуногун пайдо кардаанд. Вазни умумии атриёти ёфтшуда аз 35 кило ҳам зиёд будааст.

Тафтиш ва кофтукови бағоҷи ин ду мусофир нишон додааст, ки дар борхалтаи якеи онҳо 146 шиша ё флакон ва дар бағочи дуюмӣ 139 шиша атр будааст.

Ин ду мусофир дар баёноташон ба кормандони боҷхона гуфтаанд, ки ба Петербург барои кор дар сохтмон омадаанд ва дар бораи тиҷорати атриёт чизеро сарфаҳм намераванд ва ҳатто намедонанд, ки ин атриёти овардаи онҳо чӣ қадар арзиш дорад? Онҳо гуфтаанд, ки қонунро надониста вайрон кардаанд ва ин маҳсулотро як шиносашон хоҳиш карда буд, ки бо худ ба Русия баранд.

МЕХОСТ, ХУШДОМАНАШРО КУШАД, АММО…

Сокини 27-солаи шаҳри Турсунзода Ғайрат Қузимуродов ба суиқасд ба куштори собиқ хушдоманаш гумонбар дониста мешавад. Ин ҳодиса дар ҷамоати деҳоти ба номи Тӯйчиев рӯзи 20 сентябр рух додааст, гуфта мешавад дар гузориши барномаи телевизионии “Ахбори ВКД”.

Бино ба маълумоти тафтишот, гумонбаршуда шабона ниқоб пӯшида, ба хонаи собиқ хушдоманаш Муҳаббат Эшбӯриева ворид мешавад.

“Дар хонае, ки хушдоманаш бо наберҳояш хобида буд, ӯ ба ҷисми зан бо корд 5 зарба мезанад. Кӯдакон бедор шуда, аз тарс доду фарёд мезананд ва ин мардро водор мекунад, ки ҷойи ҳодисаро тарк кунад”, - баён мешавад дар гузориши телевизионӣ. Ӯ баъдтар дастгир шудааст.

Бар асари ин ҳамла зан ҷароҳатҳои ҷиддии ҷисмонӣ бардошта, дар беморитсон зери муоинаи табибон қарор дорад.





ТИРАМОҲ

ЧАРО МӮЙИ САР МЕРЕЗАД?

Дар фасли тирамоҳ рехтани мӯйи сар бисёриҳоро нороҳат мекунад ва ҳатто метарсонад. Бо кадом сабаб мӯйи сар мерезад ва оё роҳи пешгирии он вуҷуд дорад? Ба ин суол дар ин матлаб посух пайдо мекунед.

Норасоии сафеда

Аз рӯи меъёр дар як рӯз бояд то 100 ё 50-70 тори мӯйи инсон резад, вале охири фасли тирамоҳ ва оғози зимистон рехтани мӯй зиёд мегардад. Гап сари он аст, ки дар фасли тобистон афзоиши мӯй аз андоза зиёд мегардаду дар арафаи зимистон мӯйи зиёдатӣ мерезад. Сабаби дигари рехтани мӯйи сар норасоии сафедаҳост.

Мо дар фасли тобистон бо сабаби бештар меваву сабзавот хӯрданамон сафедаро хеле кам қабул мекунем. Барои ислоҳи ин ҳолат бештар гӯшти гову гӯсфанд, панир, фалла ва дигар маҳсулоти шириро истеъмол намоед.

Сари луч нагард

Дар ҳавои сард низ бонувони зиёдеро мебинем, ки сари луч мегарданд. Яке намехоҳад ороиши мӯяш вайрон шавад, дигаре гумон мекунад, ки рӯймоли ғафсу каллапӯшҳо зебанда нестанд. Трихологон -мутахассисони соҳаи солимии мӯйҳо ҳушдор медиҳанд, ки дар ҳавои сард сари луч гаштан оқибатҳои ноҳуш дорад. Ҳавои сард барои мӯйҳо стресси калон аст. Вақте мо ба берун дар ҳавои сард бо сари луч мебароем, рагҳои сар яку якбора танг мешаванд. Дар натиҷа гардиши хун халал ёфта, решаҳои мӯй ғизои даркориро намегиранд ва резиши мӯй зиёд мегардад. Қисми зиёди бонувон барои он аз каллапӯшҳои ғафс ҳуддорӣ менамоянд, ки мӯй дар зери он зуд ифлос мешавад. Сар дар дохили каллапӯш чун дар ҳаммом аст, пӯст нафас намекашад, арақ мекунад, равғанин мешавад. Ҳавои гарму намӣ боиси паҳншавии микроорганизмҳо мегардад ва сабӯсаки сару хориши пӯст зиёд мешавад. Каллапӯши танг боиси заифии мӯйҳо мегардад.

Мубориза бо ҳавои хушк

Тамоми таҷҳизоти хонагармкунӣ, аз қабили радиатор ва кондитсионерҳо мӯйи сарро сахт хушк месозанд. Аз рӯйи меъёр дар таркиби мӯйҳо аз 10 то 15% об аст, таҷҳизоти хонагармкунӣ ними ин намиро аз мӯй кашида мегиранд. Бо фен хушконидани сар ҳолати мӯйҳоро табоҳтар месозад. Аз ин ҷост, ки мӯй ба рехтан медарояду берангу бечило мегардад. Барои рафъи ин ҳолат дар хонаҳо асбоби ҳаворо нармкунанда гузоштан лозим аст. Ин техникаи хонагиро аз мағозаҳо дастрас карда метавонед. Латтачаҳоро дар об тар карда, дар ҳар ҷои хона овехтан низ муфид аст. Аз фен хеле кам истифода баред. Рафту бе фен наметавониста бошед, аз ҳарорати начандон гарми он истифода бурдаву мӯйро пурра нахушконед. Камбудии обро бо истифода аз косметика барои мӯй барқарор кардан лозим аст - шампунҳои нармкунанда, балзамҳо, кондитсионерҳо, тоникҳо. Ниқобҳои иборат аз сафеда, силикон, равғани растанӣ, алгинатҳо, хитозан ва аллантоин мӯйҳоро мулоим, нафис ва ҷилодор месозанду ҳар як тори мӯйро ҳифз намуда, мустаҳкам мегардонанд.

Ниқоб барои мӯй

Барои муборизa бурдан бо хушкӣ ва барқарорсозии мӯйҳо аз ниқобҳои зерини хонагӣ истифода бурдан мумкин аст:

1. *Зардии як дона тухмро бо 2 қошуқ коняк лат зада, ба он 2 қошуқ равғани мушхор илова кунед. Маҳлули тайёршударо ба пӯсти саратон молида, боқимондаашро ба мӯйҳо молед. Сарро бо рӯймол ва сачоқ печонед, 20 дақиқа пас метавонед саратонро шӯед.*

2. *Як қошуқча ҳардали хушкро бо 2 қошуқ кефир лат зада, 1 қошуқ равғани зайтун ва зардии 1 тухмро илова кунед. Маҳлулро ба мӯйи тар молида, бо салафан ва сачоқ печонеду баъди 15 дақиқа мӯятонро бо шампун шӯед. Ниқоб гардиши хунро дар пӯст хубтар намуда, решаҳои мӯйро ғизо мебахшад.*

3. *Як қошуқ шарбати саброро бо 1 қошуқ асал ва як қошуқча равғани беданҷир омехта намуда, маҳлулро ба решаҳои мӯятон моледу ним соат нигоҳ доред. Баъдан мӯятонро бо шампун шӯед.*

▸▸ ***Бояд донист!***

ШАЛҒАМ - ДАВОИ СУЛФА



Шалғам растании доруии қадимист ва манбаи витамини С (то 63 мг %) аст. Дар он витаминҳои Ві, В, РР, каротин низ мавҷуданд. Дар шалғам 3,8-9% қанд, 0,4-2% сафеда, намакҳои минералӣ ва ғайра ҳастанд.

Хислатҳои шифобахши он: бехрешаи он, яъне қисми зеризаминиашро пухта бихӯранд, ҳамчун ғизо пурқувват аст, сурфаро дафъ менамояд, узвҳои даруни сина ва шикамро мулоим мекунад, чашмро қавӣ мегардонад, ба таом иштиҳо меоварад, сангҳои гурда ва хичакро майда карда, ба воситаи пешоб мерезонад, худи пешобро низ меронад.

Шалғамро дар сирко парварда, яъне як шабонарӯз дар он тар карда, баъд бихӯранд, лазиз мегардад, рутубати ғализи баданро рақиқ, яъне суюқ мегардонад ва ҳамаи узвҳои даруни сина ва шикамро қувват мебахшад, иштиҳо меоварад ва ҳангоми хӯрдан боднокиаш барҳам мехӯрад.

Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Ин ҳафта ҳамалҳоро хавфи аз кор ронда шудан таҳдид менамояд. Дар ҷойи кор бо роҳбаратон сар ба сар шуда, кӯшиши гузаронидани гапи худро накунед, вагарна кафшҳоятонро пеши поятон мегузоранд. Нимаи дуюми ҳафта ҳангоми харид кардан ҳамёнатонро эҳтиёт намоед.



Савр
21.04 - 21.05

Ин ҳафта нақшаҳои пештар тарҳрезӣ кардаатонро дар амал татбиқ намуда, муваффақ мешавед. Дар муносибатҳои корӣ эҳтиёт бошед, ҳангоми имзо гузоштан дар ҳуҷҷатҳои марбут ба маблағ бепарвоӣ накунед. Бемасъулиятӣ метавонад ба кисаи шумо зиён биёрад.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Ин ҳафта ҳаёти зодагони бурҷи ҷавзо пур аз шӯру ғавғо ва иғвою найранг аст, аз ин хотир, мо ба шумо маслиҳат медиҳем, ки бо одамони ношинос бовар кардаву рози дилатонро нагӯед. Фош гаштани сирру асроратон метавонад обрӯи шуморо резонад.



Саратон
22.06 - 23.07

Аз аввали ҳафта худро тавоною ҷасур ҳис мекунед. Дар дилатон хоҳиши ба корҳои азим даст задан пайдо мешавад. Кӯшиш кунед, ки манбаъҳои нави даромадро пайдо намуда, мавқеи худро дар зиндагӣ мустаҳкам созед. Байни шумо ва ёратон каме ҷанҷолу харҳаша мешавад.



Асад
23.07 - 22.08

Асадҳо бояд ин ҳафтаро танҳо ба худашон бубахшанд. Сарулибосатонро нав кунед, ороиши мӯю рӯятонро тағйир диҳед. Барои асадҳои бекор айёми беҳтарин барои пайдо намудани ҷойи кор фаро мерасад. Агар донишу маҳорати худро нишон дода тавонед, соҳиби кори хуб мешавед.



Сумбула
23.08 - 22.09

Ин ҳафта асабатон чунон харобмешавад, ки намедонед халтаи қаҳру ғазабатонро дар сари кӣ холӣ кунед. Худро ба даст бигиред, вагарна дилозории шумо метавонад боиси ҷанҷолу моҷарои калоне бигардад. Дар касбу кор масъулиятнок буданатон зарур аст.



Мизон
25.09 - 22.10

Аз рӯзи душанбе сар карда дар муносибат бо атрофиёнатон эҳтиёт бошед. Касеро ба ягон кор маҷбур насозед. Бигзор ҳар кас чӣ коре, ки мехоҳад, кардан гирад. Ба манфиати корхона гап зада, ба худ душман нахаред, вагарна дар зери поятон ноаён чоҳ мекананд.



Ақраб
23.10 - 22.11

Ин ҳафта ақрабҳоро лозим меояд, ки аз ташхиси духтур гузаранд, зеро хавфи хурӯҷ намудани бемориҳои мавсимӣ вуҷуд дорад. Ақрабҳои кордон метавонанд рӯзи сешанбе лоиҳаи нави худро ба роҳбарашон пешниҳод карда, комёб гарданд.



Қавс
25.11 - 21.12

Ин ҳафта қавсҳо бо як тир ду нишон заданӣ мешаванд, аммо тирашон хок мехӯрад. Аз ин рӯ, якбора аз паси чанд кор нашавед. Нимаи дуюми ҳафта хабари хуше ба гӯшатон мерасад, ки дунёи шуморо рангинтар месозад. Агар зарур донед, ин хабарро ба шахсони дилхоҳатон расонед.




Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Ин ҳафта серкорӣ шуморо чунон асабӣ менамояд, ки инони ихтиёрро аз даст дода, бо одамони шиносу ношинос муносибати дағалона мекунед. Қасдатонро аз дигарон нагирифта, сабаби нокомиҳоятонро дар кору амалҳои худ бичӯед ва камбудиҳоятонро ислоҳ намоед.



Далв
21.01 - 19.02


Ин ҳафта як дӯсти наздик ё одами азизатон ба мушкилӣ дучор мегардад ва шумо ҳама кору боратонро партофта, аз паси ӯ мешавед, то худашро танҳо ҳис накунад. Кумаки хешро аз ӯ дареғ надошта, шумо дарвозаи муҳаббати Худовандро ба рӯйи худ боз хоҳед кард.



Ҳут
20.02 - 20.03

Ин ҳафта овозаю ҳангомаҳои дар бораатон пайдошударо шунида, ҳуш аз саратон мепарад. Туҳмати мардум ба асабатон сахт расида, худро бад ҳис мекунед. Дар дилатон хоҳиши интиқом гирифтан аз душманон пайдо мешавад, вале ситораҳо маслиҳат медиҳанд, ки ҳаволаи бадро ба Худо супоред.

ПАЛОВИ ЗАРРИНИ ПАЙҒАМБАР



Хоҷа Зулфиқори дарвеш гуфт:

–Боре ҳангоми ҷанги шаҳрвандӣ дар яке аз деҳоти гурусна, мутеона мирандаи ба сил гирифтори Ромит – Сорбо касе гуфт, ки бегоҳ бо шафақҳои лочувардии шабҳангоми урдибиҳиштӣ Худи Муқаддас Ҷовидон Сайёр Пайғамбар, Пайғамбари ҳамаи мусулмони замину осмон ва гузаштаву оянда хоҳад омад...

Он вақт деҳотиён гӯсфандони охирини пинҳону ҳавасангезашонро куштанду дар ҳар кулба палови ширину дудхӯрдаи заъфарониву заррини тоҷикиро пухтанд...

Ва Пайғамбарро мунтазир шуданд...

Зеро Пайғамбар – Раҳмати Худо бод бар Ӯ! – ҳамеша ба бадбахттарин шаҳрҳову деҳаҳои рӯйи замин меояд, ҳангоми ҷанги шаҳрвандӣ ҳамаи шаҳру деҳаҳо ҳамин гуна хаёлӣ шуда буданд, дар Тоҷикистон – ватани дуру муқаддаси ман...

Ва деҳотиён ба бомҳои каҳгилии турнаии сарнишеби нодоронаи кулбаҳо баромада, ва шодии вохӯрии бузургро пештар ҳис карда, ба роҳи омадани Пайғамбари Муқаддас бо чашмони уқобии заррабин умедворона менигаристанд.

Ва деҳотиёни солхӯрда зери лаб паст-паст мегуфтанд:

–Оҳ, Аллоҳ, Пайғамбари Бузург Муҳаммади моро раҳмат кун – охир роҳи Ӯ аз Биёбонҳои муқаддаси араб то деҳи харобу номаълуми мо дуру дароз аст!..

Оҳ, то чӣ андоза пойҳояш хаста шуданду гулӯгоҳаш хушк шуд!..

Дар дегу дегчаҳои мо палови пухтаи заррину дона-дона Пайғамбарро мунтазир аст!

...Шафақи шом омад, роҳи кӯҳии моҳтобии сафедтобро фаро гирифт, бо худ печонд, ки ба он ҳазорон чашм ҳарисона менигарист, аммо Пайғамбар дар роҳ набуд...

Баъд шаб, шаби пурситора, ки дар он Галаситораҳо чӯшон, дурахшон, бо алмосҳои равону давони беҳисоб дамон буданд, дар фарози кӯҳҳои пурнакҳат бедор мешуд....

Вале оташҳо зери дегҳо месӯхтанд, дуд мекарданд, ки палов сард нашавад...

Ва ин ҳам олами хурди заминии оташҳои гарм буд дар байни оташҳои беҳудуди шабонаи заминҳову осмонҳо...

Баъд мардуми деҳи бахобнарафтаи бедор фаҳмиданд, ки Пайғамбар намеояд...

Вале бачаҳои гуруснаи бехоб ва занон сахт хӯрок мехостанду хоб...

Ва он вақт сардори деҳ Хоҷа Сафар ба ҳаққи Аллоҳ дуо карду маҳзунона гуфт, ки дегҳоро кушода палови ширинтаринро хӯрдан мумкин аст.

Ва бӯйҳои куҳани шифобахш ва накҳати палови зираву нахӯддор ғафсу дудомезу бекароркунанда аз болои шаби деҳи идона ҷорӣ шуд ва аввалин бор дар рӯзҳои дуру дарози гуруснагӣ бачагону занон ва мӯйсафедону мардон аз палови биҳиштии заъфаронӣ сер шуданд...

Аммо!..

Он шаб Муқаддас Пайғамбар ба деҳи Сорбоғ, ба деҳе ки Ӯро мардуми ҳалим ва дегҳои заррини пуропури дудхезу фаххон мунтазир буданд.

Аммо!

Муқаддас Пайғамбар аз биёбонҳои дури араб меомад ва пайроҳаҳои кӯҳии бузгарди тоҷикро намедонист ва ҳамчун ламаҳои бузурги қосид–паёмрасони ҳимолойӣ аз рӯйӣ ситораҳо меомад...

Аммо ситорагон Сайёри Бузургро ҳис карданд ва аз шодӣ ва ё маҳзунӣ фурӯ мафтоданд, мерехтанд ҳамчун алмосҳои паррон, то роҳи шабро равшан намоянд ба Сайёри Ҷовидони Аллоҳи Ҳамасокину Ҳамабин...

Ва Пайғамбар дар байни кӯҳистон истоду чашмон бар осмон бардошт ва ситораборони ҷаҳониро ошиқона тамошо кард...

Ва бинобар он ба деҳи деринтизори Сорбоғ дер монд.

Аммо!

Аммо Пайғамбар бо димоғи ҳассоси бениҳояти уштурона накҳати ширинтарини дудҳоро аз дегҳои тафсони заррин ҳис кард...

Ва Ӯ гурусна монда буд, дар дарозои роҳҳои бисёр ва ситораҳои бешумори афтон, ки то фурӯ рехта, роҳи Ӯро дар шаб мунаввар созанд, шарар гирифта, парешон шуда ба замин меафтоданд...

Аммо Пайғамбар медонист, ки дар деҳ посдорон ва гуруснагон зиёд буданд ва Ӯ қадамашро сусттар карду дар паси харсанги деҳ бо табассум хомӯш монд...

Аммо!

Ӯ медонист, ки Ӯро сахту исоркорона меҳмон хоҳанд кард ва Ӯ водор мешавад, ки палови касеро бихӯрад, вале Ӯ намехост.

Ва Ӯ мутеона дар паси харсанг пинҳон шуда меистод, то даме ки деҳотиёни гуруснаву қудсӣ дигар Ӯро мунтазир нашуда, сарпӯшҳои гулобишакли накҳатнисори дегҳои зарринро мебардоранд...

Баъд аз палови шабонаи заррини муқаддас кулбаҳои афсуншудаи муъҷизакори деҳи Сорбоғи Ромитро хоби орому шикамсер фаро гирифт...

Аммо!..

Дар кулбаи каҳгилии аз ҳама нодортарини канории деҳ пирзани куҳансоли Мамлакат-Мулло зиндагӣ мекард...

Ва ӯ ягона мурғи тухмдеҳ – рӯзирасони худро кушта, палови камбағалонае пухта ва оби даҳони гуруснаву бедандони худро ҳарисона фурӯ дода, Пайғамбарро мунтазир буд, зеро дар ин ҷаҳон дигар касе надошт, ки ба ӯ умед баста тавонад...

(Вале мо ночизакони нобинои заминӣ ба кӣ умед бандем, ба ҷуз Пайғамбар? Ба кӣ?)

Ва Мамлакат-Мулло то бомдоди абрӣ, то рафтани аввалин ситораҳо, ки канда шуда ба чоҳҳои бешумори Ҷаҳон фурӯ мерафтанд, мунтазир буд...

Он гоҳ Пайғамбар хомӯшу сабук ба ин кулба даромад, ки пирзан танҳо Ӯро бо кукупалови камбағалонаи худ бехобу ботабассум интизорӣ дошт...

Дар аввал пирзан Ӯро нашинохт ва ҳамчун мусофири одии нодор қабул кард, ки чунинҳо дар рӯйи замин дар солҳои бепарвою гуруснагӣ бисёранд...

Он гоҳ Пайғамбар шодонаву боэҳтиёт пирзанро оғӯш карду гуфт:

– Модари модарон...писари мусофири худро бибахшо, вале роҳи диёри бегона дуру ширин аст, ҳарчанд маро роҳи бегонаву одамони бегона нест – ҳама хешони мананд...

Ва пирзан дастони Ӯро бо оби булӯрини рӯд, аз қумғони қадими бухорӣ бишусту бо дастмоли хушбӯйи самарқандӣ пок кард.

Ва онҳо бо табассум сари дастархон нишастанд, чун модару писар, ва аз палов чашиданд.

Он гоҳ Пайғамбар гуфт:

– Аз ин рӯз ба баъд дар деҳи ту дар ҳар кулба ҳамеша Палови Заррин пухта мешавад мом... модар...момон...

Баъд Пайғамбар чашмонашро пӯшид ва оҳиста начво зад:

– Чӣ суханҳои ширини фаромӯшшуда: Мом... модар...моо...

– Он гоҳ пирзан ҳис кард, фаҳмид, Кӣ дар кулбаи ӯ нишастааст, махсусан вақте дид, ки Ӯ мурғи кушташударо чӣ гуна бо эҳтиёт мехӯрад, гӯё метарсад, ки ба устухонҳои куштаи он озоре расонад...

Вале пирзан ба Пайғамбар иқрор накард, ки ӯро шинохтааст, зеро мутеу хомӯш буд, ҳамчун об ё санги сабур...

...Пагоҳи барвақти мурғхези нахустофариниши наздирӯдии оҳиставазон Пайғамбар бесадою ноаён деҳро тарк кард, чунки Ӯ боз бояд мерафт,

ба деҳу шаҳрҳои бисёри гурусна ва кулбаҳо ва ошёнҳои валангори одамӣ, ки дар замини бехудову худовомонда торафт бештар мешуданд...

Айххха...

Аз ҳамон шаб ба баъд дар деҳи Сорбоғ палов номи Палови Заррини Пайғамбар гирифт, ва деҳотиён ба он менозиданд, ки худи Пайғамбар ба деҳи онҳо омадааст.

Аммо танҳо Мамлакат-Муллои пирзан то охир мунтазир шуду Пайғамбари зиндаро дид.

Баъди чанд рӯз ӯ босафову оромонаву шодона ҷон ба Ҳақ таслим кард...

Аммо вақте ки ба кулбаи ӯ омаданд, то мадфунаш кунанд – наъши ӯро наёфтанд...

Гуфтанд, ки ӯ аз паси Пайғамбар ба роҳҳои ҷовидони Ӯ бирафтааст.

Гуфтанд, ки ӯ дар он ҷо, дар мусофиратҳои ҷовидони Пайғамбар, барояш Палови Заррини ҷовидон хоҳад пухт...

Аллоҳу Акбар! Аллоҳ бузург аст!

Бале!..

Айя!..

Темур ЗУЛФИҚОРОВ,
тарҷумаи
Аскар ҲАКИМ

Мавлудномa

• 12 ОКТЯБР •

Музаффарҷон Камолов (1943-2014), 80-солагии зодрӯзи меъмор.

Матлуба Каримова (1938), 85-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ.

Абдувакил Қурбонов (1958), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

Талабхӯҷа Сатторов (1953-2007), 70-солагии зодрӯзи оҳангсоз, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

Умаралӣ Сатторов (1953), 70 солагии зодрӯзи актёри театр.

Александр Семёнов (1873-1958), 150-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, академики АМИТ, Ходими шоистаи илми ҷумҳурӣ.

• 13 ОКТЯБР •

Аҳмад Самадов (1898-1981), 125-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

• 14 ОКТЯБР •

Расул Алиев (1923-2004), 100-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Татяна Пахалина (1928-1995), 95-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

Уғулхон Тӯраева (1953), 70-солагии зодрӯзи актрисаи сирк, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Фурӯзонфар (Раҷаббой Аъзамов) (1968), 55-солагии зодрӯзи шоир.

• 15 ОКТЯБР •

Маҳмуд Давлатов (1933-1992), 90-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

Миралӣ Достиев (1958), 65-солагии зодрӯзи сароянди опера, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

Маҳмадулло Ибодов (1948), 75-солагии зодрӯзи доктори илми фалсафа, профессор.

Назрӣ Офаридаев (1953), 70-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ, профессор.

Салимбек Расулов (1948-2017), 75-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, профессор.

Рустамҷон Усмонов (1938), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

Бобоалӣ Шарифов (1948), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

• 16 ОКТЯБР •

Саидаҳмади Зардон (1958), 65-солагии зодрӯзи нависанда.

Дмитрий Иониди (1918), 105-солагии зодрӯзи арбоби фарҳангӣ.

Саидназар Худойқулов (1913-1966), 110-солагии зодрӯзи пахтакор.

• 17 ОКТЯБР •

Нодирахон Дадабоев (1968), 55-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

Додоҷон Насриддинов (1918-2000), 105-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

Шодӣ Шабдолов (1943), 80-солагии зодрӯзи арбоби ҳизбию давлатӣ.

Муҳаммадёр Шарифов (1948), 75-солагии зодрӯзи шарқшинос.

• 18 ОКТЯБР •

Саъдулло Каримов (1918-1990), 105-солагии зодрӯзи актёри театр, сароянда, найнавоз, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Тӯрақул Раҳимӣ (1933-1997), 90-солагии зодрӯзи шоир.

Борис Шакаров (1933), 90-солагии зодрӯзи журналист.

Таҳияи З. ГУЛМУРОД, Н. БАҲРУЛЛО,
кормандони Китобхонаи
миллии Тоҷикистон

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?

ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!

Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

МЕФУРӮШАМ

► ҲАВЛӢ

► Ҳавлӣ барои оилаи калон, 10 дар хона, 5 сот. замин, бо тамоми шароит ва ҷиҳозаш, дарову зиндагӣ кун, ё бо 2 ё 3-ҳуҷрагӣ ва иловапулӣ ба ман иваз мекунам. Тел.: 927-70-23-38

НИЁЗ ДОРЕМ

► Муассисаи давлатии «Мактаби ҷумҳуриявии маҳорати олии варзишӣ оид ба куҳнавардӣ, шухпаймоӣ ва лижаронии куҳӣ» мураббии куҳнавардиро ба кор даъват менамояд. Тел.: 93-486-01-11

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шаҳодатнома ба номи Кенҷаева Нилуфар Исломовна, ки соли 2021 аз ҷониби Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ТВ N783254, рақами қайд N82 ба номи Допилко Наталья Викторовна, ки соли 1987 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст, эътибор надорад.

► Васиятнома таҳти феҳрасти рақами 6ғ-1565, ки аз 06.09.2018 дар Идораи нотариалии давлатии н. Синои ш. Душанбе аз номи Додохонова Бибиқанд Назриевна тасдиқ гардидааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши қисми хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти 1Ш-1727, ки аз 07.06.2019 дар Идораи нотариалии давлатии н. Рӯдакӣ ба номи Ғафуров Маҳмадулло Раҳматуллоевич бо суроғаи н. Рӯдакӣ, ҷамоати Чимтеппа, деҳаи Гулпарвар ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 Т-АТА №0384916 ба номи Калкан Парвина Садуллоевна, ки санаи 05.07.2016 аз ҷониби МТ-МУ (ғоибона) барои наврасон ва калонсолон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи №031296, рақами қайд №76 ба номи Набиев Фахриддин Исматуллоевич, ки санаи 20.07.2000 аз ҷониби ПТУ №58 ш. Душанбе дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Маҳмадалиев Сулеймон Маҳбудович, РЯМ: 0331197488, РМА: 015091748, ки аз тарафи Нозироти андози н. Рӯдакӣ санаи 09.04.2013 дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандии А5308439, ки аз 24.02.2009 ба номи Саттарова Дилафруз Нуридиновна аз ҷониби ОВД ноҳияи И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ва дафтари ҳавлидорӣ ба номи Нарзуллоев Хусейн, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи А. Навоӣ 25/1, ҳ. 3, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира дар реестри №8Д-2378 аз санаи 02.06.2006 ба номи Нарзуллоев Хусейн, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи А. Навоӣ 25/1, ҳ. 3, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии ноҳияи Сино ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДМБ N0261613, рақами қайд 1566, ба номи Ятимов Парвиз Бобосаидович, ки санаи 19-уми июни соли 2023 аз ҷониби Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ва Шартномаи ҳадяи квартира таҳти феҳристи №1ш-678 (ДШ №0082884) аз 14-уми июни соли 2011, ба номи Абдуллоева Тахмина Ботуровна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Валаматзода, хонаи 8/1, ҳ. 4, ки дар нотариуси давлатии Саридораи нотариалии давлатии ҶТ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДТО №0240021, рақами қайд №1939, ба номи Айсоев Акбаршоҳ Алимамадович, ки соли 2019 аз ҷониби Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи ҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети ҳарбӣ ҶТ №724813 ба номи Айсоев Акбаршоҳ Алимамадович, ки санаи 18.09.2015 аз ҷониби Комиссариати ҳарбии ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо реестри №4750 аз 29.10.2014 ва шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳристи №5Ш-632 аз 29-уми октябри соли 2014 ба номи Икрамова Лола Александровна, бо суроғаи ноҳияи Ҳисор, шаҳраки Шарора, маҳ. Уртабуз, хонаи бе рақам, ки дар Нотариуси калони давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Ҳисор ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаҳои мубодилаи квартира ба квартираи нави сохташаванда аз 4-уми декабри соли 2014, таҳти феҳрастҳои №1Ш-1832 ва №1Ш-1833, ки аз тарафи Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Карроматуллоев Раҷабали Таварович нисбати манзилҳои истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи И. Нарзиқулов (собиқ Мичурин), бинои 11, хонаҳои 4 ва 5 дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Дафтарчаи имтиҳоноти гумшудаи Д22005 ба номи Давлатшозода Аҳлиддин, ки соли 2022 аз ҷониби Донишгоҳи аграрӣ ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур дода шудааст, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи устоди варзиш оид ба теннис №31-В ба номи Садуллаев Бахтиёр Муродалиевич, ки санаи 02.03.2012 аз ҷониби Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати ҶТ дода шудааст, бинобар гум шуданаш эътибор надорад.

► Шиносномаи техникии хонаи истиқоматӣ №104, ба номи ҶСК "Мостдорзнак", бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Бухоро 2, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ ва шиносномаи техникӣ ба номи Обилов Тиллобек Ҷумахонович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Сабо 702/1, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Билети донишҷӯ ба номи Сироҷиддинов Комрон Аброрович, ки соли 2022 аз ҷониби Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯ ба номи Ҷураев Рамазон Алишерович, ки соли 2022 аз ҷониби Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрасти 1Ш-138 аз 14.03.2016, ки дар Идораи нотариалии давлатии шаҳри Турсунзода ба номи Мамадалиева Муаъзам бо суроғаи ш.Турсунзода, кӯчаи 15-солагии Истиқлолият, бинои 1, квартираи 42 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти рақами 1Ш-290, ки аз санаи 25.01.2019 дар Идораи нотариалии давлатии н. Рӯдакӣ ба номи Юсупов Исмоилҷон Сайфуллоевич бо суроғаи н. Рӯдакӣ, шаҳраки Сомониён, кӯчаи И. Сомонӣ, хонаи 13 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрасти 9Д-991, ки аз санаи 11.06.2001 дар Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Смиринов Валерий Иванович бо суроғаи ш. Душанбе, 4-ум гузаргоҳи кӯчаи Айнӣ, хонаи 10б, квартираи 31 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии квартира ва шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрасти 8Ш- 2048, ки аз 13.07.2010 дар Идораи нотариалии давлатии н. Синои шаҳри Душанбе ба номи Наҷотов Доро, квартираи рақами 50 воқеъ дар ш. Душанбе, кӯчаи А. Навоӣ, хонаи 23 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Созишномаи бекор кардани шартнома таҳти феҳрасти 9Ш-1348, ки аз 15.07.2016 дар Идораи нотариалии давлатии н. Синои ш. Душанбе байни Наҷотов Доро ва Наҷотов Комбиз Шукуҳиевич тасдиқ шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи махсуси соҳибкори инфиродӣ Хасанов Абдувохид Абдулганиевич, РЯМ: 0730208674, РМА: 215357280, ки аз 17.12.2020 дар Нозироти андози ш. Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи махсуси соҳибкори инфиродӣ Кодиров Хусравчон Махсудович, РЯМ: 0730208683, РМА: 215080382, ки аз 17.12.2020 дар Нозироти андози ш. Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи махсуси соҳибкори инфиродӣ Маҳмаджонов Шухрат Аблулхомидович, РЯМ: 0730086225, РМА: 075320091, ки аз 26.09.2013 дар Нозироти андози ш. Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти 1Ш-276 ки аз 28.03.2012 дар Идораи нотариалии давлатии н. Рӯдакӣ ба номи Алимова Умедахон Ашуралиевна бо суроғаи н. Рӯдакӣ, шаҳраки Навобод, кӯчаи Шараф, хонаи 86 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва иқтибоси Ассотсиатсияи истифодабарандагони оби "Гулистон С", РЯМ: 3310010129, РМА: 330014017, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва иқтибоси Ассотсиатсияи истифодабарандагони оби "Тошробод", РЯМ: 3310005866, РМА: 330008098, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Россия, кӯчаи 1 май ба номи шаҳрванд Самиев Абдулло Раҳматуллоевич дар асоси шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ аз 11.07.2008 таҳти феҳрасти 1ш-588, ки дар Идораи нотариалии ноҳияи Рӯдакӣ ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

UNDP Tajikistan is seeking to recruit:

- **Project Manager, Tajik Nationals Only (Job ID: 14047/NPSA-9); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 24 October 2023 NY time (or 25 October 2023, 08:59 AM TJK time)**
- **Project Analyst, Tajik Nationals Only (Job ID: 14049/NPSA-8; Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 24 October 2023 NY time (or 25 October 2023, 08:59 AM TJK time)**

For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs

Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.

UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.

НАМОИШ-ФУРӮШИ
МАҲСУЛОТИ ХӮРОКА, МОЛҲО БАРОИ ХОНА ВА ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ГУНОГУН
2, 3, 4 - УМИ НОЯБР
ДАР КОХИ БОРБАД
ДАРОМАДАН ОЗОД!
ТАМҒАИ ПИСАНДИДАИ ТОҶИКИСТОН 2023
БО СИФАТ ВА АРЗОН
Ташкилкунанда: tayron
Сарпарасти кулл: artel, artel AVESTO Electronics
Шариконӣ расмӣ: ТАВҲИДБОНК, akfa
Шарики лоиҳа: Газпромнефть, TAJIK TIME
Иштирокчиён: Комус, POKIZA, Comfort baby, Колин Сервис, Ramis, Шоколатье, Тавҳидбонк, SPITAMEN, Молочная радость, Слобода, SOFIA, akfa, Fayzi Rasul, POKIZA, Сиёма, Lacto-G, artel AVESTO, KÄRCHER, ANKO, G-DRIVE, Ширинӣ Душанбе, Баракат, DC City Dushanbe
Шариконӣ иттилоотӣ: ТВС, Vatan Радио, Hamsado, Авторадио Тоҷикистон, OILA.TJ, PRESSA.TJ



СКАНВОРД



Маркази князигарии Руси қадим
Бутхона, буткада
Бадкирдорӣ, чиноятқорӣ
Чин дар рӯй, оҷинг
Пашша
Доҳии пролетариат
Бурида-ни пӯсти сари нара
яроқи дарози нӯгтез
Мақомот
Зиндагонӣ, ҳаёт
гилкор, гаҷмол
Сӯй, ҷониб, тараф
Сеҳр, ҷоду
Як зоти гӯрхар
Биёбон дар Муғулистон
Мастӣ ...
Ҳайвони маймунмонанд
Ин сулоларо А Бобакон шикаст дод
Шаҳр ва бандар дар Ҳиндустон
... Ом Симон, физики олмонӣ
Аҳсант, офарин
Модари Муҳаммад (с)
Узви дохилии инсон
Шери болдор
Шаҳр дар Фаронса
Муқобили "занак"
Яке аз шоҳони Форс
Навъи чоп
Хумчае, ки дар он маскаи ширро мегиранд
Санги қиматбаҳо
Кока-..
Давлати форсзабон
Хонаи сернам
Ҷонишини ишоратӣ
Шаҳри калони Фаронса
Пойтахташ Могадишоҳ
Шаҳ ва ... (шатранҷ)
Пойтахти Эстония
Ҳаммоми финӣ
Ҳаммом
Қуттию зарфҳои холӣ
Халиҷи баҳри Араб
СММ бо забони русӣ
... -Негро, бандар дар Уругвай
Гази инертӣ
Хира, оби лой
Карру фар, шукӯҳ, дабдаба

Мактуб

Марде бепул монда, мактуб менависад:

- Худоё, агар ҳозир сад сомонӣ нафиристӣ, худро меовезам.

Ва коғазчаро аз тирезаи хонааш ба берун мепартояд.

Дар ин ҳангом милисае мактубро ёфта, худ ба худ мегӯяд:

- Ин мардак агар дар маҳаллаи ман худкушӣ кунад, дар бало мемонам.

Бо ин андеша кисаашро кофта, 50 сомонӣ бурда, ба мард медиҳад.

Мард пулро гирифта, дубора мактуб менависад:

- Худовандо, дигар пулро ба дасти ин милиса равон накун, нимашро ба кисааш зад!

Суръат

Корманди БДА ронандаи мошинро барои бо суръати баланд ронданаш манъ карда, мегӯяд:

- Дар ин ҷо суръати аз ҳама зиёд 40 км/соат аст, шумо бошед, аз рӯи 80 км/соат мошинро меронед. Ба кучо ин қадар шитоб доред?

Ронанда мегӯяд:

- Ман барои шумо 100 сомонӣ меовардам...

80-сола

Пиразан ба назди духтур омада, шикоят мекунад:

- Духтур, як поям сахт дард мекунад.

Духтур мегӯяд:

- Бибиҷон, охир 80-сола шудед. Боз чӣ мехоҳед?...

Пиразан мегӯяд:

- Пойи дигарам ҳам 80-сола аст, дард намекунад ку!

Омӯзгор

Марде ба рафиқаш мегӯяд:

- Чаро ту маро бо Рӯзи омӯзгор табрик накардӣ?

Рафиқаш ҳайрон шуда:

- О, ту омӯзгор нестӣ ку!

Мард мегӯяд:

- Арақ нӯшиданро аз кӣ омӯхтӣ?

Файзу баракат

Субҳи барвақт модар тирезаҳои хонаро кушода, мегӯяд:

- Бачем, тирезаҳоро кушодам, то ин ки файзу баракат ба хона дарояд. Акнун ман ба бозор меравам.

Аз бозор баргашта мебинад, ки писари калонияш дар хона нест. Аз писари хурдӣ мепурсад:

- Акоят дар кучост?

Писарак мегӯяд:

- Саҳарӣ 1 файз аз тиреза ва 2 баракат аз дар даромада, додарамро ба хизмати аскарӣ бурданд.

Шоҳнома

Муаллим дар дарси адабиёт Анварро ба назди тахтаи синф даъват карда, мепурсад:

- «Шоҳнома»-ро кӣ навиштааст?

Анвар бо садои ларзон:

- Муаллим, ба худо, ки ман нанавиштаам.

Муаллим:

- Медонам, ки ту нанавиштай, ман аз ту пурсида истодаам, ки «Шоҳнома»-ро кӣ навиштааст?

- Ман нанавиштаам,- боз қасам мехӯрад Анвар.

Муаллим ба ғазаб омада, писаракро ба хонаашон мебарад ва ба падараш мегӯяд:

- Ман аз писаратон пурсидам, ки «Шоҳнома»-ро кӣ навиштааст, «ман нанавиштаам» мегӯяд.

Падар аз ғазаб суп-сурх шуда, мегӯяд:



- Рӯяшро сиёҳ мекунад, дина ман бо чашми худам дидам, ки чизе навишта истода буд.

Таҳияи Н.РАҶАБОВА

Сканворд



Суръат ва ҷуръат



Бонуе зангам заду паём расонд, ки дар фалон мавзеъ қарор дорам, зуд расида биё. Дар як турфатулъайн ҳозир дар канораш шудам. Гуфт:

- Ман ба суръататон қоил, парандаед, гӯиё!

Пасон хоҳиш кард:

- Ин ҷо интизоратон мешавам, шумо зуд аз мағоза бароям рӯймолчае ored. Узр, рӯймолчаамро фаромӯш кардаам.

Ончунон суръат гирифтам, ки ҳамагӣ чанд дақиқа пас рӯймолча дар даст боз ҳам дар паҳлуи бону ҳозиру нозир будам.

Ӯ дар чоҳи ҳайрат уфтода:

- Ана суръату мана суръат! Ба шумо мошин лозим не!

Мо муддате паҳлуи ҳам дар боғ қадам задем. Аз зери дарахте мегузаштем, ки яке себе аз шох ба зер уфтод. Ман бо суръати фавқулода онро аз ҳаво дошта гирифтам ва ба бонуи зебо ҳадя кардам. Боз ҳам мафтуни суръати баланди ҳаракатам шуд, батакрор офарин хонд. Дар идомаи қадамзаниямон бону ҳар гоҳ нигоҳи меҳрбор ба сӯям меафканд. Мехостам ба оғӯшаш бигирам, бибӯсам (эҳсос мекардам, ки ӯ низ инро мехоҳад), вале худдорӣ мекардем. Ҳамин тавр, хеле қадам задем. Чун аз боғ ба канори шохроҳе баромадем, бону яке даст бардошту мошини даргузареро боздошт.

- Ба маҳаллаи мо мошинҳо кам мераванд, аз ҳаминаш намонам.

Ин сухан гуфту худро дохили мошин гирифт бонуи зебо ва аз тирезаи он ба ман даст афшонда, нидо дардод:

- Шумо, ҷавони нағз, суръат доштаеду ҷуръат не. Хуш бошед!

***

Мард ба завҷаи хеш чашмакӣ зад. «Феъли марди ҳамсояро дорад мардаки ман», - аз дил гузаронд зан.

***

Кайфи сӯзандору: ҳамеша бо ҷои нарм сару кор дорад.

***

Зан:-Мард бошӣ, ҳамёнро обистан кун!

***

Ӯ ҳангоми мутолиаи китоби «Асрори дарозумрӣ» ногаҳон вафот кард.

***

Зан намаки зиндагист. Онҳое, ки ду зан доранд, зиндагиашон шӯр аст.

Абдурауф МУРОДӢ